Z-Analytics

# Такмили сохтори ҳисоботдиҳӣ ва ҳалли масъалаҳои зуровари руйи нишонаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон

## Тадқиқоти базавӣ, соли 2017

## Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон

## Аз тарафи “Z-Analytics Group” тайёр карда шудааст.

Суроға: кӯчаи Пулоди 28, Душанбе, Тоҷикистон, 734013
Телефон / Факс: (+992) 93-572-10-05 / (+992) 93-525-56-66
Маълумот: info@z-analytics.tj

## Октябри соли 2017

# МУНДАРИҶА


**РУЙХАТИ ҶАДВАЛҲО ВА ДИАГРАММАҲО** ........ 3

**РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ** ........ 4

**ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ** ........ 5

**1. МАҚСАДҲОИ ТАДҚИҚОТ** ........ 10

**2. МЕТОДОЛОГИЯ** ........ 11

**3. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ: ТАДҚИҚОТҲО ОИД БА ЗУРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН** ........ 13

**4. ХУСУСИЯТИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФИИ МУСОҲИБОН** ........ 17

**5. ДОНИШ** ........ 19

4.1 Насилие в семье ........ 19

4.2 Дониши он, ки дар ҳолати зуроварии гендерӣ ба куҷо муроҷиат кардан ........ 22

Вақте ки савол дода шуд, ки қурбонӣ дар ҳолати зуроварӣ дар оила бояд ба куҷо муроҷиат кунад, бешубҳа ҷавоби аз ҳама маъмул волидайн буд (60%). 33% мусоҳибон варианти роҳбари маҳалларо ҳамчун шахсеро, ки ба ӯ муроҷиат кардан мешавад, номбар карданд. Танҳо 28% мусоҳибон милитсияи маҳаллиро номбар карданд (ба диаграммаи 12 нигаред). ........ 22

**6. МУНОСИБАТ БА ЗУРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ** ........ 24

**7. АМАЛИЯ** ........ 29

7.1 Тақсими корҳои хона дар байни аъзоёни оила ........ 29

7.2 Тақсимоти ӯҳдадориҳо дар тарбияи кӯдакон ........ 31

7.3 Амалияи муроҷиат барои кӯмак дар ҳолати ЗГ ........ 33

7.4 Амалияи муроҷиат барои кӯмак дар ҳолати зуроварии шаҳвонӣ ........ 37

**8. ХУЛОСАҲО** ........ 39

**9. ТАВСИЯҲО** ........ 41

**ЗАМИМАҲО** ........ 43

# РУЙХАТИ ҶАДВАЛҲО ВА ДИАГРАММАҲО

*Ҷадвали 1: Миқдори мусоҳибаҳои як-ба-як ва ММК аз рӯи тақсимот ба ноҳияҳо* ............ 11
*Ҷадвали 2: ‘Агар ман дидам, ки мард зани худро дар кӯча зада истодааст, ман дахл мешудам’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ* ............ 25
*Ҷадвали 3: ‘Ман дахл мекардам, агар мефаҳмидам, ки ҳамсояи ман зани худро зада истодааст’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаи асосӣ* ............ 25
*Ҷадвали 4: ‘Зан бо мақсади нигоҳдории оила бояд зӯровариро тоқат кунад’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ* ............ 26

*Диаграммаи 1: Ҷинси мусоҳибон, N=500* ............ 17
*Диаграммаи 2: Минтақа, N=500* ............ 17
*Диаграммаи 3: Синну сол, N=500* ............ 17
*Диаграммаи 4: Маълумоти мусоҳибон, N=500* ............ 17
*Диаграммаи 5: Вазъи оилавӣ, N=500* ............ 18
*Диаграммаи 6: Машғулият, N=500* ............ 18
*Диаграммаи 7: Огоҳӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, N=500, якчанд варианти ҷавоб* ............ 19
*Диаграммаи 8: Огоҳи оид ба зӯроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи ҷинс* ............ 20
*Диаграммаи 9: Огоҳи оид ба зӯроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи насл* ............ 20
*Диаграммаи 10: Огоҳӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи сатҳи маълумот* ............ 20
*Диаграммаи 11: Огоҳӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи намуди маҳал* ............ 20
*Диаграммаи 12: Қурбонӣ дар ҳолати зӯроварӣ дар оила ба куҷо муроҷиат мекунад, N=500, якчанд ҷавоб* ............ 22
*Диаграммаи 13: Онҳодар ҳолати мушкилот(ба ғайр аз зӯроварӣ) амалан ба куҷо барои кӯмак муроҷиат мекунанд, N=500* ............ 22
*Диаграммаи 14: Аксуламали мусоҳибон нисбати гуфтаҳо оид ба зӯроварӣ, N=500* ............ 24
*Диаграммаи 15: ‘Агар ман дидам, ки мард зани худро дар кӯча зада истодааст, ман дахл мешудам’, N=500* ............ 25
*Диаграммаи 16: ‘Ман дахл мекардам, агар мефаҳмидам, ки ҳамсояи ман зани худро зада истодааст’, N=500* ............ 25
*Диаграммаи 17: ‘Зан бо мақсади нигоҳдории оила бояд зӯровариро тоқат кунад’, N=500* ............ 26
*Диаграммаи 18: ‘Агар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ мавҷуд бошад, пас зан шояд худро нодуруст рафтор карда бошад’, N=500* ............ 26
*Диаграммаи 19: ‘Агар зан муқовимат нишон надиҳад, пас ин зӯроварии шавҳонӣ намебошад’, N=500* ............ 26
*Диаграммаи 20: Ӯҳдадориҳои зан дар тарбияи кӯдакон, N=500* ............ 31
*Диаграммаи 21: Ӯҳдадориҳои мардҳо дар тарбияи кӯдакон, N=500* ............ 32
*Диаграммаи 22: Сенарияи №1 ва №2. Ҳолатҳои аз ҳама маъмул.* ............ 33
*Диаграммаи 23: Сенарияи №3. Ҳолатҳои кам вохурда.* ............ 34
*Диаграммаи 24: Сенарияи №4. Ҳолатҳои камвохурда* ............ 36
*Диаграммаи 25: Сенарияи №5. Муроҷиати модарон ва шавҳарон ба имом* ............ 37

## РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| **МТС** | Маркази тадқиқотҳои сотсиологӣ |
| **CATI** | Мусоҳибаи телефонӣ бо кӯмаки компютер |
| **НТМ** | Ноҳияҳои тобеи марказ |
| **МФГ** | Муҳокимаи фокус-гурӯҳ |
| **ЗГ** | Зуроварии гендерӣ |
| **МАА** | Мусоҳибаи ахборрасони асосӣ |
| **ҶДММ** | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| **ТҒҲ** | Ташкилоти ғайриҳукуматӣ |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **SPSS** | Барномаи оморӣ барои илмҳои иҷтимоӣ |

## ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

Ин ҳисобот дар доираи лоиҳа бо номи “Такмили сохтори ҳисоботдиҳӣ ва ҳалли масъалаҳои зуровари руйи нишонаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон”, ки аз тарафи Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон бо кӯмаки молиявии Комиссияи Аврупоӣ иҷро карда мешавад, тайёр карда шуд. Тадқиқот аз тарафи ширкати “Z-Analytics” дар моҳҳои август-октябри соли 2017 гузаронида шуд.

Тадқиқот 5 ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифт. Инҳо ноҳияҳои Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Кулоб ва Вахш мебошанд. Барои ҷамъкунии маълумот ҳам воситаи сифатӣ ва ҳам миқдорӣ истифода шуданд. Қисмати миқдорӣ бо 500 мусоҳиб (100 нафар дар ҳар як ноҳияи мақсаднок) аз аҳолии умумӣ гузаронида шуд. Мусоҳибон барои пешниҳоди хусусиятҳои зерини демографӣ интихоб шуданд: ҷинс (50% мард ва 50% зан); насл (насли ҷавони 18-30 сола ва насли калонсол аз 40 сола боло)[1]; ва маҳалли шаҳр/деҳот (дар кишвар ба ҳисоби миёна 24% шаҳр ва 76% деҳот). Қисмати сифатӣ бо 35 ахборрасони асосӣ (7 нафар дар ҳар як ноҳия) гузаронида шуд. Ахборрасонҳои асосӣ тарафҳое буданд, ки метавонистанд дар бораи зуроварӣ дар хона маълумот диҳанд. Инҳо пешвоёни маҳаллӣ, кормандони ҷамоат, намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила, намояндагони Кумитаи кор бо дин, имомҳои маҳаллӣ (имомхатиб), муовинони раисони ноҳия ва нозирони минтақавии милитсия мебошанд.

Барои таҳлили маълумот усули ДМА (КАП) истифода шуд – дониш, муносибат ва амалия.

### Донистани Қонун дар бораи зуроварӣ дар оила

Вақте ки аз мусоҳибон пурсиданд, ки худи зуроварӣ дар оила дар робита бо Қонун дар бораи зуроварӣ дар оила чист, аксарияти мусоҳибон зуроварии ҷисмонӣ ва психологиро дар шакли задан (75%) ва обрӯпасткунӣ (73%) тасдиқ карданд. Аммо камтар аз сеяки мусоҳибон ба зуроварии иқтисодӣ (гузоштани касе бе хурока [30%] ё макони зист [26%]) ва зуроварии шаҳвонӣ (30%) ҳамчун шаклҳои зуроварии хонаводагӣ истинод гирифтанд. Маълумоти тақсимшуда нишон дод, ки мардҳо назар ба занҳо камтар зуроварии шаҳвониро ҳамчун шакли зуроварӣ дар оила меҳисобанд (мардҳо – 27%, занҳо – 33%). Ба ҳар ҳол, миқдори ҳам занҳо ва ҳам мардҳо хеле паст мебошанд. Фарқият дар фаҳмиши умумӣ нишон медиҳад, ки мусоҳибони аз 40 сола боло назар ба ҷавонон аксаран ба номбар кардани зуроварии психологӣ (76% зидди 68%) ва ҳар ду шакли зуроварии иқтисодӣ (34% зидди 25% дар масъалаи хурока, 30% зидди 21% дар масъалаи макони зист) моил буданд. Ба ин монанд, одамоне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, назар ба одамоне, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, дар бораи зуроварии шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ду маротиба тез-тез сухан меронданд.

Ахборрасонҳои асосӣ, махсусан касоне, ки дар муассисаҳои давлатӣ кор мекунанд, ба монанди муовинони Раисони ноҳия, намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила ва нозирони минтақавӣ, метавонанд намудҳои гуногуни зуровариро, ки дар қонун оварда шудааст, муайян намоянд. Иловатан, онҳо дар бораи доираи васеи қонунҳое, ки корҳои оилавиро ба танзим медароранд, медонанд. Аммо ахборрасонҳои дигари асосӣ, ба монанди пешвоёни маҳаллӣ, имомҳо, кормандони ҷамоатҳо ва намояндагони Кумитаи кор бо дин, дар бораи зуроварӣ дар

[1] Бо сабаби ҳаҷми нисбии интихобнома ва баровардани беҳтари маълумот дар бораи фарқият байни наслҳо, мусоҳибони байни 30 ва 40 сола ба тадқиқот дохил карда нашуданд.

оила фаҳмиши мубҳам доранд. Онҳо танҳо ба шаклҳои ҷисмонӣ ва психологии зуроварӣ истинод доранд. Дар байни ҳамаи ахборрасонҳои асосӣ ягонтоаш ба зуроварии шаҳвонӣ ҳамчун намуди зуроварӣ дар оила такя накарданд.

Вақте ки аз мусоҳибон пурсиданд, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани зуроварӣ дар оила онҳо ба куҷо муроҷиат мекунанд, аксарият волидайн (60%)-ро интихоб карданд. Баъдан онҳо пешвои маҳалла (33%) ва нозири минтақавӣ (28%)-ро интихоб карданд. Аз ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ се давра ба таври аниқ тарҳ карда шуд: 1) касоне, ки ба ҳеҷ куҷо муроҷиат накарданд; 2) касоне, ки ба муассисаҳои ғайридавлатӣ муроҷиат карданд; 3) касоне, ки ба муассисаҳои давлатӣ муроҷиат карданд.

**Муносибат нисбати ЗГ**

Аввалан ба мусоҳибон саволҳои умумӣ дода шуданд, ба монанди оё шавҳар ҳуқуқи задан, тела додан ё зарбулат кардани зани худро дорад. Аксарияти мусоҳибон ба ин саволҳо манфӣ ҷавоб доданд ва таъкид карданд, ки мард ҳуқуқи задани занро надорад. Ба ғайр аз ин, аксарияти мусоҳибон ҳамчунин тарафдори фикри боихтилоф буданд, ки мувофиқи он зан бояд зуровариро дар оила бо мақсади нигоҳдории оила тоқат кунад.

Ахборрасонҳои асосии мусоҳибашуда усули ҳалли мушкилотро дар дохили оила ё дар ҳолатҳои зарурӣ бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҳуқуқвайронкунанда дастгирӣ намуданд. Дар натиҷаи мусоҳиба бо ахборрасонҳо тамоюле пайдо шуд, ки мувофиқи он байни набудани ҷои кор, вобастагӣ аз нушокиҳои спиртӣ ва зиёдшавии зуроварӣ дар оила робитаи зич мавҷуд ҳаст.

Вақте ки аз мусоҳибон пурсиданд, ки онҳо чӣ кор мекарданд, агар онҳо шоҳиди он мешуданд, ки мард зани худро дар кӯча зада истодааст, аз се дуяки онҳо (62%) гуфтанд, ки онҳо бо ягон роҳ ба ин занозанӣ дахл мешуданд. Дар масъалаи зуроварӣ аз паси дари пушида мусоҳибон мавқеи боз ҳам пассивиро нишон доданд. Камтар аз нисфи онҳо (48%) таъкид карданд, ки онҳо дохил мешуданд, агар онҳо медонистанд, ки ҳамсояи онҳо зани худро дар хона зада истодааст. Ин бо арзишҳои анъанавии иҷтимоӣ зич алоқаманд мебошад, ки мувофиқи он мушкилоти оилавӣ дар дохили оила нигоҳ дошта мешавад; бисёр мусоҳибон ба усули зерин истинод мекарданд: “либоси ифлоси худро дар пеши ҳама нашуед”[2].

Саволнома ҳамчунин саволҳои лоиҳавиро дар бораи зуроварии шаҳвонӣ дошт. Тақрибан 42% мусоҳибон розӣ шуданд, ки таҷовуз ба номус дар оила эҳтимолан натиҷаи рафтори беақлонаи зан мебошад. Изҳороти дигар вобаста ба зуроварии шаҳвонӣ, ки аксарият мусоҳибашудагон (53%) бо он розӣ буданд, ин “агар зан муқовимат нишон надиҳад, пас он зуроварии шаҳвонӣ намебошад”. Хулосаи умумӣ ин аст, ки мафҳуми зуроварии шаҳвонӣ байни зан ва шавҳар пурра фаҳмида нашудааст. Мусоҳибаҳои ахборрасони асосӣ бо намояндагони Кумитаи кор бо зан ва оила дар Хатлон муайян намуд, ки ҳолатҳои зуроварии шаҳвонӣ танҳо дар вақти равандҳои ҷудошавӣ ё баъди ҷудошавӣ маълум мегардад.

---

[2] Оксфам, Z-Analytics Group. “Дониш, муносибат ва амалияи дарки нақшҳои гендерӣ ва зуроварии гендерӣ дар 5 ноҳияи Тоҷикистон”. 2016, саҳ.13; Шарикии байналмиллалӣ барои ҳуқуқҳои инсон. ‘Ӯ пайи пои худро дар ҳаёти ман гузошт. Зуроварии хонаводагӣ дар Тоҷикистон: вақт барои сухани дуруст’. 2017, саҳ.17: http://iphronline.org/wp-content/uploads/2017/03/ENG-Domestic-violence-in-Taj-March-2017.pdf

**Амалия**

*Тақсимкунии вазифаҳои хонагӣ дар байни аъзоёни оила*

Мусоҳибон оид ба тақсимкунии гендерии кор умуман розӣ буданд, яъне занҳо бо корҳои хона машғул мебошанд ва мардҳо бояд пул кор кунанд. Аксарияти мутлақи мусоҳибон (94%) пурра розӣ шуданд, ки нақши аз ҳама муҳими занҳои ҷавон дар оила ин тайёр кардани хурока ва иҷрои корҳои хона мебошад. Дар баробари ин 84%-и мусоҳибон қатъиян розӣ ҳастанд, ки масъулияти асосии мард пулкоркунӣ мебошад. Дар баробари ин тақрибан 44%-и мусоҳибон мушкилотеро, ки бо он мардҳои ҷавон дар вақти кофтукоби кор дар назди хона рубарӯ мешаванд, таъкид карданд. Мусоҳибаҳои амиқ тамоюлоти ҷориеро нишон доданд, ки мувофиқи он оилаҳо писарони худро ҳавасманд мекунанд, ки бо духтарони бомаълумот оиладор шаванд. Ахборрасони асосӣ аз ҳамаи ноҳияҳо эҳтиром ва тоқати худро нисбати занҳои бо кор машғулбуда таъкид карданд. Бо сабаби он, ки мардҳо дар вақти ёфтани кор мушкилӣ доштанд, занҳои ҷавон аз тарафи шавҳарони худ ва хушдоманҳо ҳавасманд карда мешаванд, ки ҳадди ақал миқдори ками даромади иловагиро ба хона оранд. Ба ҳар ҳол, ин маъно надорад, ки занҳо аз корҳои хона қафо мемонанд, онҳо ҳамчунин бояд бо корҳои хона машғул шаванд. Дар ҳолатҳое, ки сардори хонавода ҳузур надорад, 94%-и мусоҳибон ақидаеро дастгирӣ карданд, ки мувофиқи он волидайни шавҳар ҳуқуқ доранд, ки бо кори хона машғул бошанд ва зан ва кӯдакони ӯро нигоҳубин кунанд.

*Тақсими ӯҳдадориҳо вобаста ба тарбияи кӯдакон*

Мусоҳибон оид ба зарурати иштироки занҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон амалан ҳамфикр буданд (99%). Ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ гуногун буданд. Якчанд муовинони раисони ноҳия, кормандони ҷамоат ва нозирони минтақавӣ муҳимияти иштироки баробари ҳар ду волидайнро дар ҳаёти кӯдаконашон таъкид карданд. Дар баробари ин ҳар як мусоҳиб нақши муҳими аввалиндараҷаи модарро дар тарбияи кӯдак таъкид кард.

Дар фарқият аз корҳои хонагии занҳо, мардҳо бо тарбияи кӯдакон асосан ҳамон вақт машғул мешаванд, вақте ки сухан дар бораи масъалаҳои берун аз хона меравад, ба монанди пулкоркунӣ барои таъминоти оила (84%) ё бурдани кӯдакони худ ба боғчаи кӯдакона (41%). Якчанд ахборотрасонҳои асосӣ нақши падарро ҳамчун тарафдори интизом тавсиф доданд. Ахборрасонҳои асосии дигар қайд карданд, ки бо сабаби набудани падарон дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон онҳо бо кӯдакони худ хеле меҳрубон мебошанд ва дар ҳолати зарурӣ муҳаббат ва диққати худро нишон медиҳанд.

*Амалияи мурочиат барои кӯмак дар ҳолати ЗГ*

Дар асоси муҳокимаҳо бо ахборрасонҳои асосӣ метавон хулоса баровард, ки оилаҳо ба стратегияи ҳалли дохилигурӯҳии низоъҳо (одатан дар доираи оилавӣ ё баъзан коммуналӣ) моил ҳастанд; ин баъзан қурбониёнро ба тоқаткунии зуроварӣ тарғиб менамояд ва ба он оварда мерасонад, ки духтаронро ёд медиҳанд, ки онҳо батоқат ва зани хуб бошанд. Дар асоси мусоҳибаҳо тарафҳои сеюм танҳо дар ҳолатҳое номбар карда мешаванд, ки агар зуроварӣ доимӣ гардид. Умуман ба сифати тарафи сеюм метавонанд инҳо баромад кунанд:

хешу табор, духтурон, кормандони тиб ё ТҒҲ маҳаллӣ. Баъдан метавонад ҳокимияти маҳаллӣ ҷалб шавад. Масалан, роҳбари ҷамоат, ки баъдан корҳои фаҳмондадиҳиро бо ҳуқуқвайронкунанда мегузаронанд. Дар поён якчанд сенарияҳо оид ба чӣ тавр ҳал шудани ҳолатҳои зуроварӣ оварда шудаанд.

Сенарияи №1 ва №2: Аз ҳама маъмул: Муроҷиат ба аъзоёни оила ва роҳбари маҳалла

Вақте ки зуроварӣ такрор шудан мегирад, занҳои ҷавон аввалан ба аъзоёни оилаи худ муроҷиат мекунанд. Вале дар бисёр ҳолатҳо волидайн намехоҳанд дидан, ки чӣ тавр оила бо сабаби фишори иҷтимоӣ ва манфиатҳои шахсӣ вайрон шуда истодааст, чунки хонаводаи ин волидайн аллакай аз писарон ва зану кӯдакони инҳо пур ҳаст.

Ба роҳбари маҳалла доимо ҳамчун ба шахсе, ки ӯро дар ноҳия эҳтиром мекунанд ва касеро, ки таҷовузкор гуш мекунад, муроҷиат мекунанд. Ба роҳбари маҳалла ё қурбонӣ ё волидайни қурбонӣ муроҷиат мекунанд. Ҳар ду сенария одатан ба он оварда мерасонад, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҳуқуқвайронкунанда гузаронида мешаванд. Одатан ин корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи ҳайати вакилон (яъне роҳбари маҳалла ва волидайнҳо бо ҳамроҳии имоми маҳаллӣ) гузаронида мешавад. Онҳо ба хонаводаи аниқ ташриф меоранд ва машварат медиҳанд ва мефаҳмонанд, ки барои чӣ зуроварӣ дар оила амалияи номақбул мебошад.

Сенарияи №3: Камистифодашуда: Муроҷиат ба Кумитаи кор бо занон ва оила ва ТҒҲ

Мувофиқи ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ, зан танҳо дар он ҳолат ба намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила муроҷиат мекунанд, ки агар таҷрибаи зиёди зуроварӣ дошта бошад ва кӯмаки роҳбари маҳалла ва волидайн бефоида буданд. Кумитаи кор бо занон ва оила ва ТҒҲ, ки бо занҳои таҳқиршуда кор мекунанд, ба қурбониён машваратҳои ҳуқуқӣ пешниҳод мекунанд, онҳоро ба духтурон равон мекунанд ва ба онҳо дар навиштани шикоятҳои расмӣ ба нозири минтақавӣ кӯмак мекунанд. Вале қадами баъди ин иҷрошуда барои қурбониён хеле мушкил мебошад. Агар қурбонӣ, ки дар бораи ӯ сухан меравад, оила надошта бошад, ё оилаи онҳо намехоҳад ӯро қафо қабул кунад, онҳо миқдори ками вариант доранд, чунки барои занҳо миқдори ками паноҳгоҳҳ (берун аз шаҳрҳои калон) ё ҷойҳои муваққатӣ мавҷуд ҳастанд ва занҳо метавонанд дар он войҳо истанд, агар ба пеши шавҳарашон баргаштан нахоҳанд.

Сенарияи №4: Аз ҳама кам вохурда: Муроҷиат ба нозири минтақавӣ

Муроҷиат ба нозири минтақавӣ варианти аз ҳама охирон ба ҳисоб меравад. Баъди ташриф ба духтур ва гирифтани далел оид ба он, ки ӯ қурбонии зуроварии хонаводагӣ шуд, духтурон беморонро бояд ба милитсияи минтақавӣ равон кунанд. Вақте ки милитсия даъворо қабул кард, онҳо бояд ба хонаводаи аниқ дар давоми 3 рӯз ташриф оварданд ва парвандаро дар давоми 15 рӯз оғоз намоянд. Бурҳони дигар ба фоидаи он, ки муроҷиат ба милитсияи минтақавӣ варианти аз ҳама охирон мебошад, ин он аст, ки мардҳо метавонанд ба ғазаб оянд, вақте ки фаҳманд, ки занҳои онҳо бо мард-ноҳири минтақавӣ сӯҳбат карданд ва шояд ин нозирон ҳатто доғи кабудро дар бадани зан тафтиш карда бошанд. Барои қурбонӣ, махсусан

агар зани ҷавон бошад, нақли ҳодисаи худ ба зан-нозири минтақавӣ, ки дар милитсия кам вомехуранд, қулайтар мебошад. Дар вилояти Суғд саволдиҳанда имконият дошт, ки бо қурбонии зуроварии хонаводагӣ, ки дар вақти мусоҳиба дар қисми милитсия қарор дошт, сӯҳбат намояд. Қурбонӣ бо баъзе фикрҳои нозирони минтақавӣ розӣ шуд, ки мувофиқи он ҷазои маъмурӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ вазъиятро беҳтар карда наметавонанд.

Сенарияи №5: Муроҷиати шавҳар ва модарон ба имоми маҳаллӣ

Мувофиқи суханҳои имомҳо онҳо тез-тез дар корҳои фаҳмондадиҳӣ бо даъвати роҳбари маҳалла ё нозирони минтақавӣ иштирок мекунанд. Аммо дархостҳои бевосита аз худи оила одатан аз тарафи модарони ташвишдошта меоянд. Онҳо мебинанд, ки писаронашон зан ва кӯдакони худро зада истодаанд. Сабаби дигаре, ки мувофиқи он чунин вазъиятҳо ба муроҷиат ба имоми маҳаллӣ оварда мерасонад, ин хоҳиши нигоҳдории оила дар он ҳолатҳое мебошад, вақте ки мард дар вақти ҷанг се маротиба “талоқ”[3] гуфт.

[3] Баъзе тафсирҳои Шариат мегуянд, ки талоқи семаротибавӣ (гуфтани “талоқ” се маротиба) усули қонунии ҷудошавӣ мебошад; дар Тоҷикистон он қувви қонунӣ надорад.

## САРСУХАН

Ин ҳисобот дар доираи лоиҳа бо номи “Такмили сохтори ҳисоботдиҳӣ ва ҳалли масъалаҳои зуровари руйи нишонаҳои гендерӣ дар Тоҷикистон”, ки аз тарафи Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ (ХАОМ) – Тоҷикистон бо кӯмаки молиявии Комиссияи Аврупоӣ иҷро карда мешавад, тайёр карда шуд. Мақсади асосии лоиҳа – беҳтар намудани воситаҳои ҳуқуқии ҳимоя аз зуровариии гендерӣ дар Тоҷикистон ва мустаҳкамнамоии эҳтиром барои баробарии гендерӣ дар тамоми давлат мебошад.

Баъди раванди конкурсии тендерӣ барои гузаронидани ин тадқиқот гурӯҳи тадқиқотии Z-Analytics интихоб карда шуд. Ин ҳисобот маълумоти базавиро дорост, ки дар моҳҳои август-октябри соли 2017 ҷамъ карда шуд. Тадқиқоти минбаъда дар охири иҷрои ин лоиҳа гузаронида мешавад.

## 1. МАҚСАДҲОИ ТАДҚИҚОТ

Мақсадҳои тадқиқот дар вазифаҳои лоиҳа асос ёфтаанд ва аз инҳо иборат мебошанд:

- Дарки нақшҳои гендерӣ ва зиддиятҳо байни насли ҷавон ва калонсол.
- Дарки ЗГ ва зиддиятҳои наслӣ;
- Огоҳӣ оид ба ҳуқуқи оилавии соли 2013 ва дигар санадҳои қонунгузории мувофиқ;
- Сатҳи ҷалбшавии падар ба тарбияи кӯдакон;
- Сатҳи машғулият дар байни занҳо ва мардҳо, ҳамчунин намуди машғулият;
- Усулҳои паҳншудаи қаноатталабии ЗГ (расмӣ ва ғайрирасмӣ);
- Муносибат байни ЗГ ва ячейкаи анъанавии оилавӣ;
- Муносибат байни ЗГ ва муҳоҷират;
- Ҳисоботдиҳӣ ва ҳисоботнадиҳӣ.

Мавзӯи тадқиқотро ба назар гирифта, пешниҳод шуд, ки барои ҷамъкунии маълумот усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ таҳия шаванд. Усули миқдорӣ аз мусоҳибаи ру-ба-рӯ ва усули сифатӣ аз мусоҳибаи ахборрасони асосӣ иборат буд.

## 2. МЕТОДОЛОГИЯ

Ноҳияҳои мақсаднок барои ҷамъкунии маълумот дар машварат бо ХАОМ Тоҷикистон ва Z-Analytics интихоб шуданд. Аз 15 ноҳияҳои мақсадноки лоиҳаи боз ҳам васеи ХАОМ Тоҷикистон 5-тоаш интихоб шуданд: Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Кулоб ва Вахш. Ин 5 ноҳия дар асоси тақсимшавии ҷуғрофӣ ва намояндагии онҳо интихоб шуданд, яъне ноҳияи Рӯдакӣ аз Ноҳияҳои Тобеи Марказ (НТМ), Бобоҷон Ғафуров ва Панҷакент аз вилояти Суғд, Кулоб ва Вахш аз Хатлон.

Ҷамъкунии маълумот мувофиқи вазифаҳои тадқиқот аз усули миқдорӣ ва сифатӣ иборат аст.

Усули миқдорӣ аз 500 мусоҳибаи як-ба-як (100 нафар аз ҳар як ноҳия) иборат буд. Интихобномаи умумӣ омилҳои зерин ё ивазшавандаҳоро дарбар гирифт:

- ҷинс: 50% мард, 50% зан;
- синну сол: бо мақсади тақсимкунии маълумот мувофиқи фарқияти наслӣ интихобнома аз насли ҷавон (18-30 сола) ва калонсол (аз 40 сола калон) иборат мебошад;
- ҷойгиршавӣ: зиёда аз 70% аҳолии умумии Тоҷикистон дар минтақаи деҳот зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, интихобнома барои ин тадқиқот дар асоси ин тақсимоти деҳот/шаҳрӣ тартиб дода шудааст (74%/26%).

Аз тарафи дигар усули сифатӣ аз 35 мусоҳибаи ахборрасони асосӣ (МАА) (7-той аз ҳар як ноҳия) дар асоси мусоҳибаи ним-сохторӣ бо гурӯҳи мақсадноки зерин гузаронида шуд:

1. Пешвоёни маҳаллӣ;
2. Кормандони ҷамоат;
3. Намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила;
4. Намояндагони Кумитаи кор бо дин;
5. Имоми маҳаллӣ (*имом хатиб*);
6. Муовини раиси ноҳия;
7. Нозирони минтақавӣ.

Ин гурӯҳҳои мақсаднок бояд дар ҳар як ноҳияи мақсадноки тадқиқот дастрас карда мешуданд. Ҳамин тавр, дар ҳар як ноҳияи мақсаднок 7 мусоҳиба гузаронида шуд.

Тақсимоти мусоҳибон бо чунин тарз гузаронида шуд:

*Ҷадвали 1: Миқдори мусоҳибаҳои ру-ба-рӯ ва МАА аз рӯи тақсимот ба ноҳияҳо*

| Минтақаҳо | Ноҳия | Микдорӣ | Сифатӣ |
|---|---|---|---|
| **НТМ** | Рудакӣ | 100 | 7 КII |
| **Суғд** | Бобоҷон Ғафуров | 100 | 7 КII |
| | Панҷакент | 100 | 7 КII |
| **Хатлон** | Кулоб | 100 | 7 КII |
| | Вахш | 100 | 7 КII |
| | **Ҳамагӣ** | 500 | 35 |

**Мушкилотҳо**

Раванди ҷамъкунии маълумот дар моҳи сентябри соли 2017 дар як вақт дар 5 ноҳия оғоз ёфтанд. Омӯзишҳо барои саволдиҳандагон (барои ҷамъкунии маълумот) ва модераторон (барои ҷамъкунии маълумоти МАА) дар моҳи августи соли 2017 гузаронида шуданд. Бо сабаби ҳассоснок будани мавзӯъ ҷамъкунии маълумот танҳо баъди гирифтани мактуби расмии дастгирӣ аз Вазорати корҳои дохилии ҶТ имконпазир шуд. Баъдтар он ба дафтарони ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ба шӯъбаҳои милитсия пешкаш шуданд. Новобаста аз ин, бисёр ахборрасонҳои асосӣ розӣ нашуданд, ки дар вақти мусоҳиба асбоби сабткунанда истифода шавад. Бинобар ин, якчанд муовинони раисон ва нозирони минтақавӣ бе сабткунӣ мусоҳиба карда шуданд. Монеаи дигаре дар вақти ҷамъкунии маълумот – ин нигоҳдории мувозинати гендерӣ ва заминаҳои синну солӣ буданд. Саволдиҳандагон бо сабаби мавсими муҳоҷират натавонистанд, ки миқдори зарурии мардҳои ҷавон (18-30 сола)-ро пайдо намоянд. Дар ин ҳолатҳо саволдиҳандагон ба деҳаҳои наздик равон карда шуда буданд.

**Коркарди маълумот**

Коркарди маълумоти сифатӣ бо истифодаи китоби рамзҳо ба амал омад, яъне миқдори маълумотҳо дар MS Excel гузаронида шуд, ки он пешакӣ тайёр карда шуда буд ва мақсади ҷудо намудани хулосаҳои мусоҳибаҳои ахборрасони асосиро нисбати ҳар як нишондиҳанда дошт. Бо ин сабаб ҳар як мусоҳибаи амиқ рамзгузорӣ карда шуд ва ба китоби рамзҳо дохил карда шуд.

Маълумоти миқдорӣ бо истифодаи Барномаи оморӣ барои илмҳои иҷтимоӣ (SPSS) коркард карда шуд. Маҷмӯи маълумотҳо пеш аз оғози раванди ҷамъкунии маълумот тайёр карда шуд. Дар давоми тамоми раванди ҷамъкунии маълумот саволдиҳандагон маълумотҳои ҷамъшударо аз планшетҳои худ ба дафтари Z-Analytics равон карда буданд, ки ин имконият дод, ки ҷамъкунии маълумот ва тафтиши кор сари вақт анҷом дода шуданд.

**Таҳлили маълумот**

Усули истифодашудаи пешкаши маълумот дар ин таҳлил усули ДМА (дониш, муносибат ва амалия)[4] мебошад. Ҳамин тавр, ҳисобот аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- Дониш – огоҳии аҳли ҷомеаи васеъ ва ахборрасонҳои асосиро оид ба қисми ҳуқуқии масъала пешкаш мекунад;
- Муносибат – мавқеи аҳли ҷомеа ва ахборрасонҳои асосӣ оид ба зӯроварӣ дар оила. Бо сабаби он, ки ин мавзӯъ хеле ҳассоснок мебошад, маълумот дар бораи муносибат бо кӯмаки саволҳои проективӣ гирифта шуд;
- Амалия – тақсими ӯҳдадориҳо дар оила ва муроҷиат барои кӯмак дар ҳолати зӯроварӣ.

Пеш аз оғози таҳлили маълумоти ҷамъкардашуда дар ҳисобот маълумоти муфассал оид ба зӯроварӣ дар Тоҷикистон дар асоси ҳисоботҳо ва маълумоти пештара пешкаш шудааст.

[4] Ин усул бо сабаби пешкаши аниқи маълумот, ки ба хонанда пешкаш мешавад, интихоб шудааст.

## 3. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ: ТАДҚИҚОТҲО ОИД БА ЗУРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мероси бадбахтонаи иҷтимоӣ ва иқтисодии солҳои 90-ум, ки аз барҳамхурии Иттифоқи Советӣ ва саршавии ҷанги шаҳрвандии панҷсола шаҳодат медиҳанд, то ҳол ба Тоҷикистон мушкилот меорад. Дар давлат нишондиҳандаҳои аз ҳама баланди муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа, ҳатто агар онҳо каме поён фаромаданд[5], ва суръати баланди зиёдшавии аҳолӣ[6] мавҷуд ҳаст. Новобаста аз он, ки давлат дар минтақа аз ҳама камбизоат мемонад, ки аз маблағҳои интиқолӣ сахт вобаста мебошад ва дар назди мушкилотҳои берунӣ ва дарунӣ хеле суст мебошад, Тоҷикистон давом дода истодааст, ки сатҳи камбизоатиро кам кунад ва некуаҳволии аҳолиро[7] беҳтар намояд.

Дере нагузашта баъди истиқлолият Тоҷикистон қадами бузург ва мусбатро оид ба масъалаҳои ҳуқуқи зан гузошт: Тоҷикистон аъзои Эъломияи СММ оид ба барҳамдиҳии ҳамаи шаклҳои табъиз зидди занҳо (ЭБТЗЗ) шуд, ки он аз тарафи Парламенти ҶТ дар соли 1993 тасдиқ карда шуд. Аз ҳамон замон давлат якчанд чораҳои мусбиро барои кӯмак ба баробарии гендерӣ ба воситаи қабули чунин қонунҳо пеш гирифт: Қонун “Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробар барои мардҳо ва занҳо” (2005), “Стратегияи миллӣ барои фаъолкунонии нақши зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” (2010) ва “Грантҳои Президентӣ барои занҳои соҳибкор” (2008-2011)[8].

Аз паси мушкилоти давомдошта дар табъизи гендерӣ, ки дар оила / хонавода решаҳои чуқур доранд, мушоҳида карда, Парламенти Тоҷик Қонунро “Дар бораи пешгирӣ намудани зуроварӣ дар оила” (2013) қабул кард. Ин ҳуҷҷати босамари эъломиягие мебошад, ки ба

- **Зуроварӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад;

- **зуроварии ҷисмонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст;

- **зуроварии рӯҳӣ дар оила** – таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокand, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад;

- **зуроварии шаҳвонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд;

- **зуроварии иқтисодӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ва воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад.

[5] World Bank Group. ‘Strong Growth with a Challenging Outlook’. 2017. http://pubdocs.worldbank.org/en/543471500543123667/ECA2017-TJK-003.pdf

[6] Оҷонсии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ‘Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2016’. http://stat.tj/ru/img/7a20337ca019c92e18235196b4e62aaa_1470198679.pdf

[7] СБО. ‘Барномаи давлатии Тоҷикистон 200813 (2016-2020)’. Моҳи феврали соли 2016.

[8] Ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон. ‘Ҳисоботи дуюми тендерӣ оид ба иҷрои Эъломия дар бораи бартарафкунии ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон’. 2013: http://tbinternet.ohchr.org/Treaties/CEDAW/Shared%20Documents/TJK/INT_CEDAW_NGO_TJK_13364_E.pdf

пешгирӣ намудани зуроварӣ равона шудааст. Ин қонун аз тарафи Президент соли 2013 тасдиқ ва имзо карда шуд ва шаклҳои зуровариро дар оила равшан қайд мекунад ва муайян мекунад, чӣ тавре ки дар поён оварда шудааст[9]:

Мувофиқи ин қонун қурбониён ҳуқуқ барои гирифтани кӯмаки тиббӣ, дастгирии руҳӣ-иҷтимоӣ, машварати ҳуқуқӣ, таъмини ҷои зист[10], ва кӯмак дар пешниҳоди маълумот оид ба ҳолатҳои зуроварӣ ва гирифтани амрномаи муҳофизатӣ доранд. Зуроварии хонаводагӣ дар Тоҷикистон ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ менамояд, ки дар он таҷовузкор бояд хароҷотро барои ҷазои маъмурӣ пушонад, агар қурбонӣ хоҳад, ки таҷовузкор таъқиб карда шавад ва ҷазо дода шавад, ӯ бояд даъворо мувофиқи Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон пешниҳод намояд[11].

Ба ҳар ҳол, набудани доимии маълумотҳо ва тамоюли паҳншуда оид ба хабар надодани ҳодисаҳо пай бурдани маълумотҳои ҳақиқиро оид ба зуроварӣ дар оила дар Тоҷикистон мушкил мегардонад. Мувофиқи ҳисоботи Департаменти ИМА аз соли 2014, дар ҳақиқат пай бурдани зуроварӣ дар оила хеле мушкил аст. Сабаб дар он аст, ки зӯроварии завҷавӣ “кори муқаррарӣ” ба ҳисоб меравад ва мушкилот дар оила набояд берун аз он муҳокима карда шавад.[12] Тадқиқоти Z-Analytics бо мардон ва занон дар соли 2016 дар 6 ноҳияи Тоҷикистон муайян кард, ки аксарияти мутлақи мардон (97%) ва аз чор се ҳиссаи занон (72%) бовар доранд, ки “зан бо мақсади нигоҳ доштани оила бояд зуровариро тоқат кунад”[13]. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки ин консептуализатсия эҳтимоли ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳоро дар гузашта ё бо хешу табори наздики мусоҳиб пешбинӣ менамояд. Ҳисоботи наздики Шарикии байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқи инсон аз моҳи марти соли 2017 ин хулосаҳоро такрор кард, ки дар он гуфта мешуд, ки ‘аз ду як зан ба зуроварии хонаводагӣ баъзан дар ҳаёти худ аз тарафи шавҳарашон, хушдоманҳо ё дигар аъзоёни оила гирифтор мешаванд, вале омори марказонидашудаи ҳамаро фарогиранда мавҷуд нест ва камаҳамиятдиҳӣ маънои онро дорад, ки рақамҳои амалӣ метавонанд баландтар бошанд”[14].

Ҳисоботи баҳогузории САҲА дар соли 2012 нишон медиҳад, ки занҳо бо якчанд намудҳои зуроварӣ рубарӯ мешаванд, махсусан дар аввали оиладоршавӣ[15]. Зуроварӣ метавонад аз тарафи шавҳарон ва ҳамчунин аз тарафи хешу табор ба амал ояд. Бо сабаби анъанаи қадим ва сатҳи баланди муҳоҷирати мардони тоҷик ба Федератсияи Русия, Қазоқистон ва давлатҳои

---

[9] Қонуни ҶТ “Дар бораи пешгирӣ намудани зуроварӣ дар оила”, 19 марти соли 2013.

[10] Вале дар ҳисоботи Шарикии байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон барои соли 2017 (ба повараки 14 нигаред) гуфта мешавад, ки норасоии маблағ барои чунин хизматрасониҳо, ба монанди паноҳгоҳҳо барои ҳимояи занҳо, ки ба хатар гирифтор мешаванд, махсусан занҳо дар деҳот, мавҷуд ҳаст.

[11] САҲА. ‘Ҷалбшавии иҷтимоӣ ва иқтисодии занҳо аз оилаҳои муҳоҷирон дар Тоҷикистон’. Ҳисоботи баҳогузорӣ. 2012: http://www.osce.org/odihr/93637?download=true; Марказ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва гурезагон. ‘Мушкилот дар иҷрои Қонун оид ба зуроварӣ нисбати занҳо дар Афғонистон ва Тоҷикистон бо диққати махсус ба занҳои кучонидашуда’. 2016: https://drc.dk/media/2470176/breaking-barriers_challenges-to-implementing-laws-on-violence-in-afghanistan-and-tajikistan-with-special-consideration-of-diasplaced-women.pdf

[12] ДЕПАРТАМЕНТИ ДАВЛАТИИ ИМА. 'Ҳисоботҳои давлатӣ оид ба амалияи ҳуқуқи инсон барои 2014 – Тоҷикистон'. 2014. http://www.state.gov/j/drl/rls/hrrpt/humanrightsreport/index.htm?year=2014&dlid=236652#wrapper

[13] Оксфам, Z-Analytics. “Дониш, муносибат ва амалияи дарки нақшҳои гендерӣ ва зуроварии гендерӣ дар 6 ноҳияҳои Тоҷикистон”. 2016, саҳ 13

[14] Шарикии Байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон. ‘Ӯ пайи худро дар ҳаёти ман гузошт. Зуроварии хонаводагӣ дар Тоҷикистон: вақт барои суханҳои дуруст’. 2017, саҳ.17: http://iphronline.org/wp-content/uploads/2017/03/ENG-Domestic-violence-in-Taj-March-2017.pdf

[15] САҲА. 2012.

дигар келинҳо одатан дар як хона якҷоя бо хешу табори худ зиндагӣ мекунанд, ки ба онҳо амалан ҳамаи корҳои хонаро бор мекунанд ва ба онҳо ҳамчун ба “шахси кӯмаккунанда” ё аз ин бадтар рафтор мекунанд.

Қонун дар бораи зӯроварӣ дар оила аз руйхати тарафҳои манфиатдор ва ӯҳдадориҳои онҳо дар расонидани кӯмак ба қурбониёни зӯроварӣ дар оила иборат мебошад. Ба ғайр аз ин, қонун дар навбати аввал мафҳуми “оила”-ро муайян намекунад, ки дар натиҷа занҳоро дар оилаҳои полигамӣ беҳимоя мемонад. Муҳоҷирати мардони ҷавон ба сифати роҳи озодкунанда аз бекорӣ дар байни ҷавонон дар Тоҷикистон ба дисбаланси гендерӣ оварда расонид, ки миқдори “занҳои дуюм”-ро зиёд кард. Новобаста аз он, ки оилаҳои полигамӣ дар Тоҷикистон манъ карда шудаанд, норасоии мардон баъзе волидайнро маҷбур месозад, ки духтарони худро барои зани дуюм шудан маҷбур созанд. Илова ба ин, зани дуюм будан ин занҳоро аз ҳимоя дар назди қонун аз нуқтаи назари мубориза бо зӯроварии хонаводагӣ ва гирифтани алимент барои кӯдакон ё моликият эмин медорад.

Ба ғайр аз мушкилоте, ки бо он занҳо дар оилаҳои полигамӣ рубарӯ мешаванд, тамоюлоти қадим дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ба миқдори зиёди занҳои партофташуда дар Тоҷикистон оварда расонид. Дар бисёр ҳолатҳо шавҳар ба давлати таъинот меравад, ба зани маҳаллӣ оиладор мешавад ва зани худро дар Тоҷикистон бе ягон кӯмаки минбаъда мегузорад. Дар баъзеи ин ҳолатҳо зан метавонад бо хешу табори шавҳараш зиндагӣ карданро давом диҳад, чунки волидайни ӯ барои ӯ ва кӯдакони ӯ ҷой надоранд ва зӯроварӣ ба ӯ метавонад давом додан гирад ва дар баробари ин ӯ кӯшиш мекунад, ки пул кор кунад[16]. Ноилоҷ занҳо аз хонаи хешу табори худ пеш карда мешаванд ва баргашти онҳо аз тарафи волидайни онҳо бо хурсандӣ пешвоз гирифта намешавад, чунки онҳо барои духтарашон ва кӯдакони ӯ ҷои кифоя надоранд ё ҳамин тавр мефаҳманд, ки вайроншавии оила айби духтарашон ва сарчашмаи шарму ҳаё мебошад[17]. Маълумоти тадқиқоти САҲА гузаронида нишон медиҳад, ки аксарияти занҳо аз оилаҳои партофташудаи муҳоҷирон аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол мебошанд, онҳо малака ва ихтисос барои кофтани ҷои кор надоранд ё бо корҳои хона ва тарбияи кӯдак сербор мебошанд[18]. Ҳамин тавр, занҳои партофташуда бо пешомадҳои маҳдудбудаи пулкоркунӣ барои ҳаёт рубарӯ мешаванд.

Фаҳмиши умумии ҳаётро дар минтақаи деҳот метавонад дар асоси ҳисоботи ташкилоти “Оксфам” аз соли 2016[19] асос ёбад, ки дар доираи назари нақшҳои мард ва зан дар оила оварда шудаанд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки 91%-и занҳо чунин меҳисобанд, ки нақши калидии занҳо аз корҳои хона иборат мебошад (яъне иҷрои корҳои хона ва тарбияи кӯдакон). Пурра машғул будан бо корҳои хона ё дар соҳаи ғайрирасмӣ, ба монанди пухтани хӯрока ё духтани либос (бе пардохти андоз) ягон даромади иҷтимоӣ, кӯмаки оилавӣ ё маблағро барои декрет таъмин намекунад. Зиёда аз ин, меҳнати хонагии пардохтнашуда аз тарафи мардҳо ҳамчун кори на он қадар мушкил ҳисоб карда мешавад[20]. Қайд кардан аҷиб аст, ки тақсими масъулият дар оила аз ҷудокунии масъулияти ҷамъиятӣ ва шахсӣ вобаста аст, ки дар он занҳо

---

[16] Ҳамон ҷо.
[17] Институти Ҷомеаи кушод. ‘Мушкилоти қонунгузорӣ: аҳолӣ ба хизматрасониҳои қонунӣ зарурат дорад’. 2012.
[18] САҲА. 2012.
[19] Оксфам, Z-Analytics Груп. “Дониш, муносибат ва амалияи дарки нақшҳои гендерӣ ва зӯроварии гендерӣ дар 6 ноҳияҳои Тоҷикистон”. 2016.
[20] Ҳамон ҷо.

дар корҳои хонагӣ, аз ҷумла дар тамоми кор дар дохили хонавода, иштирок мекунанд, вале мардҳо ба кори ҷамъиятӣ вобаста мебошанд.

Ҳамон ҳисобот нишон дод, ки 82%-и занҳои мусоҳибашуда бовар доранд, ки тарбияи кӯдак имтиёзи модарон мебошад, вале танҳо 58%-и мардон ин нуқтаи назарро дастгирӣ мекунанд[21]. Фарқиятҳои наслӣ нишон медиҳанд, ки чӣ тавр мардҳои калонсол, ки аллакай бобо мебошанд, дар тарбияи кӯдакон назар ба падарони ҷавон бисёртар иштирок мекунанд. Насли ҷавон идеяи нисбатан собитқадами нақшҳои гендериро дорад, ки мувофиқ он идея корҳои муайян танҳо барои занҳо (либосшуӣ, рӯбучинии хона, пухтани хурока) ва дигар вазифаҳо барои мардон (харидкунӣ, нигоҳдории хона ва пардохти маблағҳо) пешбинӣ шудаанд.

Дар масъалаи ҳалли низоъҳо дар ҳисоботи Институти Ҷомеаи кушод аз соли 2012 гуфта шудааст, ки аз ба ҷои ба сохторҳои расмӣ муроҷиат кардан аҳли ҷомеа одатан авлотар медонад, ки ба оилаи худ ё шабакаҳои ҷамъиятӣ сӯҳбат кунанд, ба монанди ҳамсояҳо, хешу табор ва дустон, то ки кадом қадамҳо бояд пеш гирифта шаванд. Хулосаҳо нишон медиҳанд, ки мардон танҳо ба ҳукумати маҳаллӣ истинод мегиранд (*ҷамоат*, намояндагони маҳалла), агар шабакаҳои онҳо низоъро ҳал карда натавонанд[22].

Дар тафсири дар боло овардашуда гуфта шудааст, ки зуроварии гендерӣ дар хона мавзӯи ҷиддӣ барои тадқиқот мебошад ва зарурат ро барои беҳтаркуниҳои минбаъда дар қонун ва иҷрои он таъкид мекунад. Маълумоти пешкашшуда дар қисмҳои овардашуда маълумоти амиқро оид ба вазъияти ҳозира таъмин менамояд ва асосро барои лоиҳа, ки ба иҷрои боз ҳам босамари қонун равона шудааст, таъмин менамояд.

[21] Ҳамон ҷо.
[22] Институти Ҷомеаи кушод. 2012.

# 4. ХУСУСИЯТИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФИИ МУСОҲИБОН

Усули миқдории тадқиқоти мазкур 5 ноҳияро дарбар гирифт: Рудакӣ, Вахш, Кулоб, Панҷакент ва Бобоҷон Ғафуров. Дар ҳар як ноҳия 100 нафар мусоҳиб пурсида шуд. Таркиби ҷинсии мусоҳибон баробар мебошад (ба диаграммаи 1 нигаред). Таркиби деҳот/шаҳрӣ ба маълумоти аз оҷонсии омори ҶТ гирифташуда мувофиқ меояд, ки мувофиқи он 24%-и аҳолӣ дар шаҳр зиндагӣ мекунад (ба диаграммаи 2 нигаред).

*Диаграммаи 1: Ҷинси мусоҳибон, N=500*




*Диаграммаи 2: Минтақа, N=500*




Мувофиқи мақсадҳои тадқиқот ва стратегияи интихобнома, мусоҳибон ҳамчунин намояндагони насли гуногун мебошанд. Диаграммаи 3 тақсимоти мусоҳибонро нишон медиҳад, ки дар он 57% шахсони аз 40 сола калон ва 43% шахсони аз 18 то 30 сола мебошанд. Аз ибтидо интихобнома тақсими баробарро талаб карда буд, вале саволдиҳандагон дар вақти кофтани мусоҳибони мард ба мушкилӣ рубарӯ шуданд, чунки пурсиш дар моҳи сентябр гузаронида шуд, яъне вақте ки мардҳои ҷавон дар хориҷа кор мекунанд. Аксарияти мусоҳибон (60%) маълумоти то миёна доранд, 13% маълумоти миёнаи техникӣ доранд ва боқимонда 24% маълумоти олӣ доранд (ба диаграммаи 4 нигаред).

*Диаграммаи 3: Синну сол, N=500*




*Диаграммаи 4: Маълумоти мусоҳибон, N=500*




Аксарияти мутлақи мусоҳибон оиладор мебошанд (92%), вале 5%-и ин мусоҳибон қайд карданд, ки онҳо танҳо никоҳ (яъне оиладоршавӣ дар асоси дин, бе бақайдгирии расмӣ) доранд (ба диаграммаи 5 нигаред). Ин ҳолатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ё одамон маълумот надоранд, ки оиладоршавӣ бояд қонунӣ ба қайд гирифта шавад ё ин ҳолати “зани дуюм” мебошад, ки, чӣ тавре ки мо дар боло муҳокима карда будем, дар Тоҷикистон он ғайриқонунӣ мебошад. Ҳар ду сабабҳои имконпазири никоҳ сустии занҳоро нишон медиҳад, чунки дар ҳар ду ҳолат зан дар ҳолати ҷудошавӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи

таваллуд барои кӯдакони худ ва алимент рубарӯ мешаванд ва ягон ҳуқуқ ба моликият надорад.

Мувофиқи диаграммаи 6 аксарияти занҳои мусоҳибашуда айни замон бекор мебошанд. Дар байни мусоҳибон 44% кор мекунанд, ки аз онҳо нисфаш (20%) даромади доимӣ надоранд.

Диаграммаи 6 миқдори хеле ками муҳоҷиронро нишон медиҳад. Чӣ тавре ки дар боло муҳокима карда будем, сабаби эҳтимол вақти гузаронидани тадқиқот мебошад. Саволҳои минбаъдаи тадқиқот вобаста ба аъзоёни оила нишон дод, ки 171 мусоҳиб аз байни 500 нафар ҳадди ақал як аъзои оилае доранд, ки дар хориҷа кор мекунад, яъне 34% хонаводаҳо аъзои муҳоҷир доранд.

*Диаграммаи 5: Вазъи оилавӣ, N=500*




*Диаграммаи 6: Машғулият, N=500*




Ба ҳисоби миёна оилаҳои мусоҳибон аз 6 аъзо иборат буд, ки ба маълумоти баруйхатгирии аҳолии Тоҷикистон барои соли 2010 мувофиқ меояд[23]. Маълумот нишон медиҳад, ки аксарияти мусоҳибон дар оилаҳои васеъкардашудаи худ зиндагӣ мекунанд, яъне дар як хонавода якчанд оила бо падара модари худ ва бобову бибии худ зиндагӣ мекунанд.

[23] Мувофиқи баруйхатгирии аҳолии ҶТ дар соли 2010, миқдори миёнаи аъзоёни хонавода дар Панҷакент 5,7 нафар, дар Бобоҷон Ғафуров 6,1 нафар, дар Кулоб 5,9 нафар, дар Вахш 7,3 нафар ва дар Рудакӣ 6,3 нафар мебошад. https://statswiki.unece.org/download/attachments/.../Tajikistan%20Atlas.pdf

# 5. ДОНИШ

Дар ин боб тасаввурот оид ба мафҳуми “зуроварӣ дар оила”, ҳамчунин аз тарафи мусоҳибон донистани қонунҳое, ки масъалаҳои оила ва зуроварии хонаводагиро ба танзим медароранд, дида баромада мешаванд. Фикру ақидаҳои аҳолии умумӣ ва ахборрасонҳои асосӣ алоҳида оварда шудаанд.

## 4.1 Зуроварӣ дар оила

Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи пешгирӣ намудани зуроварӣ дар оила”[24], кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

**Аҳолии умумӣ**

Бо мақсади фаҳмидани сатҳи дониш оид ба зуроварӣ дар оила дар байни аҳли ҷомеа, аз мусоҳибон пурсиданд, ки оё фаҳмиши зуроварӣ аз тарафи онҳо инҳоро дарбар мегирад:

- Задан (ҷисмонӣ);
- Обрӯпасткунӣ (психологӣ);
- Таҷовуз ба номус (шаҳвонӣ);
- Гузоштани касе бе хурока (иқтисодӣ);
- Гузоштани касе бе макони зист (иқтисодӣ).

*Диаграммаи 7: Огоҳӣ оид ба зуроварӣ дар оила, N=500, якчанд варианти ҷавоб*




Мусоҳибон метавонистанд якчанд вариантро интихоб кунанд. Диаграммаи 7 нишон медиҳад, ки аксарияти мусоҳибон зуроварии ҷисмонӣ ва психологиро дар шаклҳои задан (75%) ва обрӯпасткунӣ (73%) мефаҳманд. Камтар аз се яки мусоҳибон таъкид карданд, ки шаклҳои иқтисодӣ ё шаҳвонии зуроварӣ (гузоштан бе хурока – 30%, таҷовуз ба номус дар оила – 30%, гузоштан бе макони зист – 26%) – ин зуроварӣ дар оила мебошад.

Дар тақсимот аз рӯи ҷинс (диаграммаи 8) фаҳмиши умумии зуроварӣ байни мусоҳибон ба ҳамдигар монанд мебошад. Нисбати зуроварии шаҳвонӣ фарқият вуҷуд дорад, ки дар он танҳо миқдори ками мардҳо инро ҳамчун зуроварӣ дар оила меҳисобанд (мардҳо – 27%, занҳо – 33%). Фарқият дар фаҳмиш байни наслҳо нишон медиҳад, ки мусоҳибони аз 40 сола

[24] Қонуни ҶТ “Дар бораи пешгирӣ намудани зуроварӣ дар оила”. 2013. http://pdv.tj/en/background%20info/legal%20framework/tajik%20law/

боло аз шаклҳои психологӣ (76%) ва иқтисодӣ (34% аз нуқтаи назари хурока ва 30% аз нуқтаи назари макони зист)-и зуроварӣ дар оила назар ба насли ҷавон (68%, 25% ва 21% ба таври мувофиқ) бисёртар огоҳ мебошанд (ба диаграммаи 9 нигаред).

*Диаграммаи 8: Огоҳи оид ба зуроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи ҷинс*




*Диаграммаи 9: Огоҳи оид ба зуроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи насл*




Ахбороте, ки аз рӯи сатҳи маълумот тақсим карда шудааст, нишон медиҳад, ки онҳое, ки маълумоти олӣ доранд, ба зуроварии иқтисодӣ ва шаҳвонӣ бисёртар нишон медиҳанд, назар ба онҳое, ки маълумоти миёна ё ибтидоӣ доранд (ба диаграммаи 10 нигаред).

*Диаграммаи 10: Огоҳӣ оид ба зуроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи сатҳи маълумот*




Маълумоти шавқовар ҳамчунин дар тақсимот аз рӯи маҳалли ҷойгиршавӣ мушоҳида шуд (ба диаграммаи 11 нигаред). Одамон дар минтақаи шаҳр зуроварии шаҳвонӣ (44%) ва гузоштан бе макони зист (39%)-ро қариб ду маротиба тез-тез интихоб мекунанд

*Диаграммаи 11: Огоҳӣ оид ба зуроварӣ дар оила, N=500, аз рӯи намуди маҳал*



назар ба онҳое, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд (24% ва 20% ба таври муносиб).

**Гурӯҳҳои ахборрасонҳои асосӣ**

Дар асоси дониши онҳо оид ба мафҳуми зӯроварӣ, ахборрасонҳои асосиро метавонан ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Гурӯҳи якум дар бораи шаклҳои гуногуни зӯроварӣ (ҷисмонӣ, психологӣ ва иқтисодӣ) хуб маълумот доранд ва аз се категорияи мусоҳибон иборат мебошад: намояндагони муассисаҳои давлатӣ, ба монанди муовини раиси ноҳия, намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оила ва нозирони минтақавӣ. Дар вақти дар бораи мафҳуми зӯроварӣ дар оила сӯҳбат кардан ин гурӯҳҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила" таъкид мекарданд. Қайд кардан муҳим аст, ки дар вақти номбаркунии шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ҳеҷ кас ба зӯроварии шаҳвонӣ истинод намегиранд:

> *'Мувофиқи қонуни Тоҷикистон дар бораи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила, зӯроварӣ дар оила – рафтори таҳқиромези яке аз аъзоёни оила нисбати аъзои дигар мебошад. Якчанд намуди зӯроварӣ мавҷуд ҳаст, ба монанди зӯроварии ҷисмонӣ, психологӣ ва иқтисодӣ', намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила, 27 сола.*

> *'Зӯроварӣ дар оила писанд накардани ҳуқуқҳои зан, кӯдакон ва баъзан мардҳо мебошад… Ман ду намуди зӯровариро фарқ мекунам: ҷисмонӣ ва психологӣ. Ман фикр мекунам, ки намуди психологиаш аз ҳама бадтарин мебошад', муовини Раиси ноҳия, 61 сола.*

Ин гурӯҳҳо тарафҳои зӯровариро тафриқа намуданд ва гуфтанд, ки ҳолатҳои зӯроварӣ метавонанд байни шавҳару зан, хушдоману келин, хоҳаршӯй ва келин, падар ва кӯдакони хурд ба вуҷуд оянд. Мафҳуми зӯроварӣ, ки аз тарафи нозирони минтақавӣ оварда шудааст, ба ҳамаи шаклҳои ҳуқуқан қабулшудаи зӯроварӣ ба ғайр аз шаҳвонӣ истинод мегиранд, масалан:

> *'Зӯроварӣ – ин задан, паст кардани обрӯ, расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, зарари психологӣ, фурӯши моликияти дигар', нозири минтақавӣ, 38 сола.*

Вақте ки савол дар бораи асоси ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои оиларо ба танзим медарорад, дода шуд, ин се категорияи ахборрасонҳои асосӣ Кодекси оила, Қонун дар бораи пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила ва Қонун дар бораи масъулияти падару модарро ҳамчун қонунгузории асосие, ки мушкилоти оилавиро ба танзим медароранд, номбар карданд. Мувофиқи ин асосҳои ҳуқуқӣ, ин ахборрасонҳо қайд карданд, ки онҳо метавонанд ба зарардида машварат диҳанд оид ба он, ки онҳо минбаъд чӣ кор карда метавонанд, ба монанди изҳори ариза ба нозири минтақавӣ, гирифтани кӯмаки тиббӣ ва гирифтани машварати ҳуқуқӣ аз ТҒҲ маҳаллӣ ё Кумитаи кор бо занон ва оила.

Гурӯҳи дуюми мусоҳибон аз чор категорияи боқимондаи мусоҳибон ташкил карда шуд: кормандони ҷамоат, пешвоёни маҳаллӣ, намояндагони Кумитаи кор бо дин ва имомҳои маҳаллӣ. Ин гурӯҳ фаҳмиши нисбатан маҳдуди мафҳуми зӯроварӣ дар оиларо доранд, ки дар он асосан ҷабҳаҳои ҷисмонӣ ва психологӣ номбар шуданд:

> *'Зӯроварӣ ҳуқуқҳои шахси дигарро намедонад'…..'Зӯроварӣ дар оила ин чизи хуб нест, шахсе, ки мехоҳад тавоно бошад, бояд батоқат бошад, бояд ба кор боназокат ва бе истифодаи қувваи ҷисмонӣ назар кунад', имомҳои маҳаллӣ.*

*‘Зуровари асосан аз мард ба зан меравад’…’Ин ноҳурматии ҳуқуқҳои занҳо дар оила мебошад’, пешвоёни маҳаллӣ.*

Вақте ки савол оид ба асосҳои ҳуқуқии мувофиқ дода шуд, ин гурӯҳи мусоҳибон ба Кодекси оила истинод гирифтанд, ки инро онҳо дар хонаҳо/дафтарҳои худ чоп карданд. Дар ҳолати ҳодисаи зуровари хонаводагӣ онҳо қайд карданд, ки ҳалли проблема ҳамкории гурӯҳҳои тарафҳои манфиатдори гуногунро бояд дар назар дошта бошад. Яъне асосан кормандони ҷамоат, пешвоёни маҳаллӣ ва имомҳои маҳаллӣ, ки якҷоя кор мекунанд, метавонанд корҳои фаҳмондадиҳӣ ҳам бо қурбониён ва ҳам бо таҷовузкорон мегузаронанд.

## 4.2 Дониши он, ки дар ҳолати зуровари гендерӣ ба куҷо муроҷиат кардан

Вақте ки савол дода шуд, ки қурбонӣ дар ҳолати зуровари дар оила бояд ба куҷо муроҷиат кунад, бешубҳа ҷавоби аз ҳама маъмул волидайн (60%) буд. 33%-и мусоҳибон варианти роҳбари маҳалларо ҳамчун шахсеро, ки ба ӯ муроҷиат кардан мешавад, номбар карданд. Танҳо 28%-и мусоҳибон нозири минтақавиро номбар карданд (ба диаграммаи 12 нигаред).

*Диаграммаи 12: Қурбонӣ дар ҳолати зуровари дар оила ба куҷо муроҷиат мекунад, N=500, якчанд ҷавоб*




*Диаграммаи 13: Онҳодар ҳолати мушкилот(ба ғайр аз зуровари) амалан ба куҷо барои кӯмак муроҷиат мекунанд, N=500*




Дар баробари саволи фарзӣ оид ба он, ки қурбонӣ бояд ба куҷо муроҷиат кунад, аз мусоҳибон пурсиданд, ки онҳо одатан дар чунин ҳолатҳо ба куҷо муроҷиат мекарданд. Мусоҳибон дар диаграммаи 12 ба савол дар асоси донишҳои гирифташуда ҷавоб доданд ва дар диаграммаи 13 мусоҳибон ба савол дар асоси амалияи воқеӣ ё фарзӣ ҷавоб доданд. Дар ин ҷо ҷавобҳо ба таври назаррас фарқ доранд. Дар ин ҳолат ба мусоҳибон иҷозат дода мешуд, ки танҳо як шахс ё мақомотеро, ки ба он муроҷиат мекунанд, интихоб кунанд. Аз се як ҳисса гуфтанд, ки онҳо масъаларо бо шарики худ муҳокима мекарданд. 28%-и мусоҳибон гуфтанд, ки онҳо тамоман барои кӯмак муроҷиат намекарданд; ин ҷабҳа дар боби “Амалия” боз ҳам равшантар фащмонида мешавад. Танҳо панҷяки (22%) мусоҳибон қайд карданд, ки онҳо ба хешу табор, аз ҷумла волидайн, барои кӯмак муроҷиат мекарданд. Боз як маротибаи дигар қайд кардан лозим аст, ки миқдори шахсоне, ки ба кӯмаки касбӣ муроҷиат мекарданд, кам мебошад.

**Гурӯҳҳои ахборрасони асосӣ**

Бо сабаби он, ки ҳамаи ахборрасонҳои асосӣ дар мавзӯи зуровари гендерӣ салоҳияти муайян доранд, ҳамаи мусоҳибон ба худ ҳамчун ба шахси муроҷиаткунанда истинод мегирифтанд. Дар ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ шарҳ дода мешавад, ки қурбониён се ҷавоби имконпазир дар ҳолати зуровари хонаводагӣ доранд:

**1) Ба ҳеҷ кас муроҷиат накардан** – Ин ҷавоб хеле маъмул мебошад ва дар гуфтаҳои маҳаллӣ вомехурад, ба монанди *'хуб нест, ки сирри оила ба берун баровардa шавад*[25], ки ба иборaи англисии зерин монанд мебошад, 'либоси ифлоси худро дар пеши ҷомеа нагузоред'. Ин зарбуламасал дар бисёр мусоҳибаҳо вомехурд. Ҷавоби дигари паҳншуда ин буд, ки "қурбонӣ, ки одатан занро меҳисобанд, бояд инро барои некии оилааш тоқат кунад:

> *'Зуроварӣ дар оилаҳо баъзан ба сатҳи зӯроварӣ намерасад, вақте ки зан бояд оиларо тарк кунад ва равад. Ҳар як оила пастиву баландии худро дорад. Шарикон ҷанг мекунанд, ҳар як оила аз ин мегузарад. Занҳо бояд боз ҳам батоқаттар бошанд', имоми маҳаллӣ, 52 сола.*

**2) Муроҷиат ба муассисаи ғайридавлатӣ.** Дар ин ҳолат қурбонӣ бо мақсади гирифтани кӯмак метавонад сӯҳбатро бо волидайни худ, роҳбари маҳаллаи онҳо ё имоми маҳаллӣ интихоб кунад.

**3) Муроҷиат ба муассисаи давлатӣ.** Одатан ин бо ҷалбшавии духтурон вобаста аст. Онҳо ба милитсия хулоса медиҳанд ва парвандаро ба суд месупоранд. Ин одатан варианти аз ҳама охирон ҳисоб мешавад.

[25] «Сирри оиларо ба куча баровардан хуб нест'

# 6. МУНОСИБАТ БА ЗУРОВАРИИ ГЕНДЕРӢ

Дар тафсири якуми саволнома, ки барои тадқиқот тайёр карда шуда буд, саволҳои бевосита оид ба рафтор нисбати зуроварӣ дар оила мавҷуд буданд. Аммо дар вақти санҷиши саволнома ҳассосияти мавзӯъ ба он оварда расонд, ки шумораи зиёди мусоҳибон аз давом додани ҷавобдиҳӣ ба савол рад карданд. Дар натиҷа саволҳои ҳассоснок дертар аз нуқтаи назари проективӣ андаке тағйир дода шуданд, чунончи 'Ба фикри Шумо оё зан бояд зуровариро бо мақсади нигоҳдории оилаи худ тоқат кунад?'

Ҳамин тавр, ин боб оид ба рафтор нисбати ЗГ дар ҷавобҳо ба саволҳои проективӣ аз аҳли ҷомеа ва ахборрасонҳои асосӣ асос ёфтааст.

### Аҳли ҷомеа

*Диаграммаи 14: Аксуламали мусоҳибон нисбати гуфтаҳо оид ба зуроварӣ, N=500*




Аввалан ба мусоҳибон саволҳои умумӣ дода шуда буданд, ба монанди оё шавҳар ҳуқуқ дорад, ки зани худро занад, тела диҳад ё зарбулат кунад. Аксарияти мутлақи мусоҳибон ростӣ ин гуфтаро рад карданд (ба диаграммаи 14 нигаред). Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки фоизи на он қадар бисёри мусоҳибони боқимонда, ки гуфтанд, ки шавҳар ҳуқуқ дорад, ки зани худро занад, тела диҳад ё зарбулат хурад, бисёртар мардҳои 18-30 сола ва сокинони минтақаи деҳот мебошанд.

Ба ғайр аз ин, вақте ки савол дар бораи амалҳои мусоҳибон дода шуд, масалан, чӣ тавр онҳо амал мекарданд, агар онҳо диданд, ки чӣ хел мард зани худро дар кӯча зада истодааст, танҳо аз се ду (62%) ҳиссаи мусоҳибон қайд карданд, ки онҳо дахл мекарданд[26] (ба диаграммаи 15 нигаред). Мувофиқи тақсимот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ (ба ҷадвали 2 нигаред), насли калонсол (аз 40 соло боло) бо ҷону дил хоҳиш нишон доданд, ки онҳо тайёр ҳастанд ба зан дар кӯча кӯмак намоянд, агар онҳо шоҳиди задани ин зан аз тарафи шавҳараш шаванд. Вале насли ҷавон он қадар фаъол набуд (70% зидди 51%). Мардҳо (73%) назар ба занҳо (53%) камтар ба ин ҳолатҳо ҷалб мешаванд ва сокинони шаҳр (70%) нисбат ба сокинони деҳот (59%) бисёртар тайёр ҳастанд, ки ба зан дар кӯча кӯмак намоянд.

Ивазкунандаи дигаре, ки ба ҷавобҳо таъсир расонд, ин иштироки муҳоҷир дар хонавода буд. Чӣ тавре ки пештар қайд карда шуд, 34%-и мусоҳибони интихобшуда қайд карданд, ки онҳо ҳадди ақал як нафари муҳоҷир доранд. Аз байни ин мусоҳибон 60% қайд карданд, ки онҳо ба чунин ҳолат дахл мекарданд, агар бинанд, ки занро шавҳараш зада истодааст. Ин рақам дар

[26] Дар ин ҳолат мусоҳиб худаш ба ҳолати бавуҷудомада рубарӯ мешавад. Тасвияи аниқи савол дар поён оварда шудааст:
Саволи 2.3: 'Агар ман дар куча бинам, ки мард занеро зада истодааст, ман рафта дахолат мекунам'
Саволи 2.4: 'Агар ман донам, ки ҳамсоя зан ё духтарашро дар хонааш мезанад, ман рафта дахолат мекунам'.

байни оилаҳои муҳоҷирнадор баландтар буд (66%). Ба сифати омили шарҳдиҳанда дар ин ҷо метавон дарки баланди хатар ё тафсири дурушти амалияҳои анъанавӣ ё диниро номбар кард, вале мутаассифона маълумот барои фаҳмондани ин фарқият мавҷуд нест.

*Диаграммаи 15: ‘Агар ман дидам, ки мард зани худро дар кӯча зада истодааст, ман дахл мешудам’, N=500*




*Ҷадвали 2: ‘Агар ман дидам, ки мард зани худро дар кӯча зада истодааст, ман дахл мешудам’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ*

| Дахл мешуданд | | % |
|---|---|---|
| Насл | Насли ҷавон | 50,9% |
| | Насли калонсол | 70,1% |
| Ҷинс | Мардҳо | 70,3% |
| | Занҳо | 53,4% |
| Намуди маҳал | Шаҳр | 70,0% |
| | Деҳот | 58,9% |
| Муҳоҷир | Аъзои муҳоҷир дорад | 59,9% |
| | Аъзои муҳоҷир надорад | 65,5% |

Аз нуқтаи назари зуроварӣ дар паси дари пушида мусоҳибон мавқеи боз ҳам пассивиро гирифтанд. Дар ҳолате, ки агар онҳо донанд, ки ҳамсояи онҳо зани худро дар хона зада истодааст, аксарияти мусоҳибон гуфтанд, ки онҳо дахл намекарданд (52%) (ба диаграммаи 16 ва ҷадвали 3 нигаред). Мувофиқи тақсимот аз рӯи ивазшавандаҳои асосӣ насли калонсол назар ба насли ҷавон қариб ду маротиба тезтар дахл мекарданд (60% зидди 32%). Илова ба ин, ҳам занҳо (42%) ва сокинони деҳот (43%) назар ба мардҳо (53%) ва сокинони шаҳр (60%) камтар дахл мекарданд. Ивазшавандаи доштани муҳоҷир дар оила ба ҷавобҳо дар ин ҳолат таъсири на он қадар калон нарасонд, вале новобаста аз он ба схемаи дар боло овардашуда монанд буд, ки дар он мусоҳиб бо муҳоҷир дар оилаи худ аксаран дахл кардан намехост.

*Диаграммаи 16: ‘Ман дахл мекардам, агар мефаҳмидам, ки ҳамсояи ман зани худро зада истодааст’, N=500*




*Ҷадвали 3: ‘Ман дахл мекардам, агар мефаҳмидам, ки ҳамсояи ман зани худро зада истодааст’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаи асосӣ*

| Дахл мешуданд | | % |
|---|---|---|
| Насл | Насли ҷавон | 32,4% |
| | Насли калонсол | 59,2% |
| Ҷинс | Мардҳо | 53,4% |
| | Занҳо | 41,8% |
| Намуди маҳал | Шаҳр | 60,0% |
| | Деҳот | 43,2% |
| Муҳоҷир | Аъзои муҳоҷир дорад | 46,5% |
| | Аъзои муҳоҷир надорад | 49,7% |

Дар ихтилоф ба ҷавобҳои додашудаи мусоҳибон ва дар диаграммаи 14 пешниҳодшуда, ки дар он аксарият қайд карданд, ки шавҳар ҳуқуқи задани зани худро надоранд, аксарияти мусоҳибон (65%) бовар мекунанд, ки зуроварӣ дар оила бояд тоқат карда шавад, то ки оила нигоҳ дошта шавад (ба диаграммаи 17 ва ҷадвали 4 нигаред). Дар масъалаи ивазшавандаҳои пештар овардашуда, занҳо ба ақидае, ки мувофиқи он онҳо бояд зӯровариро дар оила тоқат

кунанд, то ки оиларо нигоҳ доранд, назар ба мардҳо (59%) бодиққат аҳамият медиҳанд (73%). Тақсимотро аз рӯи насл нигоҳ карда, метавон фарз кард, ки модарон ва хусурҳо ба дараҷаи баланд зуровариро тоқат мекунанд, то ки оилаи писарони худро дар хонаҳо нигоҳ доранд. Қайд кардан аҷиб аст, ки дар инҷо фарқияти шаҳр/деҳот камтар мушоҳида мешуд ва дар байни мусоҳибон бо муҳоҷирон ва мусоҳибон бе муҳоҷирон дар оилаашон амал ягон фарқият мавҷуд набуд.

*Диаграммаи 17: ‘Зан бо мақсади нигоҳдории оила бояд зуровариро тоқат кунад’, N=500*




*Ҷадвали 4: ‘Зан бо мақсади нигоҳдории оила бояд зуровариро тоқат кунад’, N=500, аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ*

| Зан бояд зуровариро тоқат кунад | | % |
|---|---|---|
| Насл | Насли ҷавон | 63,0% |
| | Насли калонсол | 67,3% |
| Ҷинс | Мардҳо | 57,8% |
| | Занҳо | 72,9% |
| Намуди маҳал | Шаҳр | 63,1% |
| | Деҳот | 66,2% |
| Муҳоҷир | Аъзои муҳоҷир дорад | 64,9% |
| | Аъзои муҳоҷир надорад | 65,7% |

Саволнома ҳамчунин саволҳои проективиро оид ба масъалаи зуроварии шаҳвонӣ дошт. Тақрибан 42%-и мусоҳибон бо чунин гуфта розӣ шуданд: ҳолати таҷовуз ба номус бо сабаби рафтори беақлонаи занҳо вобаста аст[27] (ба диаграммаи 18 нигаред). Гуфтаи дигар вобаста ба зуроварии шаҳвонӣ, ки аз тарафи аксарияти мусоҳибон (53%) дастгирӣ карда шуд, вобаста ба масъалаи розигӣ буд: он чунин ифода ёфтааст ‘агар зан муқовимат нишон надиҳад, пас ин зуроварии шаҳвонӣ намебошад’ (ба диаграммаи 19 нигаред). Ивазшавандаҳо (насл, ҷинс, намуди маҳал, доштани муҳоҷир дар оила) ба ҷавобҳо таъсири назаррас надоштанд.

*Диаграммаи 18: ‘Агар ҳолати зуроварии шаҳвонӣ мавҷуд бошад, пас зан шояд худро нодуруст рафтор карда бошад’, N=500*




*Диаграммаи 19: ‘Агар зан муқовимат нишон надиҳад, пас ин зуроварии шавҳонӣ намебошад’, N=500*




Натиҷаҳоро аз ҷамъкунии маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ оид ба муносибат нисбати зуроварии шаҳвонӣ дар оила ба диққат гирифта, ифода карда мешавад, ки дар ҳолатҳои бисёр

[27] Тасвияи аниқи савол дар поён оварда шудааст: Саволи 2.5: ‘Агар таҷовуз ба номус ба амал омада бошад, он гоҳ шояд зан беэҳтиётона рафтор кардааст, ки чунин ҳолат рух додааст ‘

одамон мафҳумро оид ба зуроварии шаҳвониро, ки дар оила байни шавҳар ва зан ба вуҷуд меояд, қабул намекунанд ё қабул карда наметавонанд.

**Гурӯҳи ахборрасони асосӣ**

Муносибат нисбати зуроварӣ дар оила дар байни гурӯҳи ахборрасонҳои асосӣ чанде зиддият дошт. Агар сухан дар бораи он равад, ки оё зан бояд зӯровариро дар хона тоқат кунад, то ки оиларо нигоҳ дорад, мусоҳибон аниқ не гуфтанд. Мусоҳибон, аз ҷумла имомҳои маҳаллӣ ва нозирони минтацавь, гуфтанд, ки дар ин вақтҳо зан набояд зӯровариро тоқат кунад. Аниқтараш, зан бояд дар бораи ин ҳодиса ба ҳукумати маҳаллӣ хабар диҳад ва кӯшиш кунад, ки вазъиятро та-йир дищанд:

> *'Ҳуқуқҳои занҳо ва мардҳо баробар мебошанд: занҳо набояд зуровариро дар оила тоқат кунанд', корманди ҷамоат, 50 сола.*

Ба ғайр аз ин, ҳамон корманди ҷамоат дарҳол муҳимияти оила ва зарурати боз ҳам ботоқат буданро таъкид кард:

> *'Вақте ки аъзоёни ҷавони оила ҷанг мекунанд, зан метавонад кӯдакони худро гирад ва ба хонаи модараш равад. Азбаски мо дар ин рӯзҳо телефони мобилӣ дорем, ӯ метавонад ба волидайни худ занг занад ва дар бораи зуроварӣ нисбати ӯ хабар диҳад. Дар ин ҳолат ҳамаи аъзоёни оила бояд донанд, ки бо мақсади доштани оилаи қавӣ одамон бояд дар вақти бархурдан бо монеаҳо дар ҳаёт ботоқат бошанд. Волидайни донишманд бояд доимо ба кӯдакони худ машварат диҳанд, ки онҳо ботоқат бошанд', корманди ҷамоат, 50 сола.*

Чунин номуайянӣ дар аксари мусоҳибаҳо ошкор шуд. Аз як тараф ахборрасонҳои асосӣ тайёр ҳастанд, ки зуровариро хотима диҳанд, вале нигоҳдории оила боз ҳам афзалтар мебошад.

> *'Таҷовузкор афсӯс мехурад, вақте ки зан ё кӯдаки худро мезанад. Масалан, агар қурбонӣ каме батоқат бошад, онҳо мушкилоти худро аллакай то бегоҳ ҳал мекунанд', имоми маҳаллӣ, 52 сола.*

Илова ба он, ахборрасонҳои асосӣ, ба монанди имомҳои маҳаллӣ, корманди ҷамоат ва пешвои маҳаллӣ, бовар доранд, ки мушкилот дар дохили оила ҳал мешавад ё агар дар вақти зарурӣ аъзоёни оиларо ба ягон шакли машваратдиҳӣ ё сессияҳои таълимӣ даъват кунанд. Масалан, вақте ки дар бораи ҳолатҳои зуроварии хонаводагӣ пурсиданд, имом аз Хатлон таъкид кард, ки ӯ хеле тез-тез дар бораи ҷанг дар оилаҳо мешунавад ва занҳоро бо доғи кабуд дар рӯяшон медид. Ба ғайр аз ин, вақте ки дар бораи равон кардани ин ҳодисаҳо ба духтурон ё нозирони минтақавӣ пурсиданд, ӯ қатъиян ҷавоб дод, ки: '*Албатта не! Мушкилот то он дараҷае расида набуд, ки зарурати фарёдкунии милитсия ё духтур пайдо шавад*'.

Риштаи умумӣ дар мусоҳибаҳои ахборрасони асосӣ робитаи сахт байни норасоии ҷои кор ва истеъмоли минбаъдаи нушокии спиртӣ ё моддаҳои дигар мебошад, ки дар навбати худ ба зиёдшавии ҳолатҳои зуроварӣ дар оила оварда мерасонад.

Тамоюли дигари аҷоиб дар вилояти Суғд мушоҳида шуд, ки дар онҷо зуроварии хонаводагӣ кам мешуд, агар зан пул кор мекард ё роҳбари хонавода мешуд:

*‘Агар зан дар хонавода пулкоркуниро сар кунад, дар оила ҷанг намешавад. Аммо агар мард даромади зиёд дошта бошад, ӯ худро ҳамчун подшоҳ мегирад’, нозири минтақавӣ, 38 сола.*

Нозирони минтақавӣ аз Суғд шахсони ягонае буданд, ки таъкид карданд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ барои сабук кардани вазъияте, ки дар оила ба вуҷуд омад, кӯмак намекунанд. Дар вақти коркарди аризаи қурбониён нозирони минтақавӣ бояд ба хонавода дар давоми 5 рӯзи аввал ташриф оваранд. Амалияи оддӣ аз ташриф ба хонавода якҷоя бо имоми маҳаллӣ ва роҳбари маҳалла иборат мебошад. Аммо нозирони минтақавӣ дар Суғд таъкид карданд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ дигар босамар кор намекунанд.

*‘Фаъолиятҳои таълимии мо дар оила ё вазъиятро бадтар мегардонад ё ба ҷудошавӣ оварда мерасонад’, нозири минтақавӣ, 37 сола.*

Ба ғайр аз ин, ҳамаи гурӯҳи дигари ахборрасонҳои асосӣ (аз ҳамаи ноҳияҳои дигар) босамар будани корҳои фаҳмондадиҳиро қайд карданд, ки мувофиқи он намояндагони эҳтиромдоштаи калонсол ба оилаҳои номбурда мераванд ва ба таҷовузкорон машварат медиҳанд, ки рафтори худро тағйир диҳанд.

# 7. АМАЛИЯ

Дар ин боб натиҷаҳои шарҳи миқдорӣ ва МАА сифатӣ нисбати ҳаёти ҳаррӯза ва амалияи одамон аз нуқтаи назари тақсими меҳнат ва ӯҳдадориҳо дар хона ва тарбияи кӯдакон кушода мешаванд. Ҳамчунин дар ин боб сенарияҳое пешниҳод мешаванд, ки дар он гуфта мешавад, ки чӣ тавр бояд бо қурбонӣ ва бо таҷовузкор рафтор кард. Сенарияҳо дар асоси ахбороти МАА тартиб дода шуда буданд.

## 7.1 Тақсими корҳои хона дар байни аъзоёни оила

Усулҳои тадқиқотӣ барои фаҳмидани ӯҳдадориҳои занҳои ҷавон (18-30 сола), мардҳои ҷавон (18-30 сола) ва ӯҳдадориҳои аъзоёни оилаи аз 40 сола боло равона шудаанд. Маълумоти дар поён пешкашшуда дар асоси натиҷаҳои тадқиқот ва МАА асос ёфтаанд.

**Ӯҳдадориҳои занҳои ҷавон**

Аксарияти мутлақи мусоҳибашудагон (94%) пурра розӣ ҳастанд, ки нақши аз ҳамаи муҳими зани ҷавон дар оила тайёр кардани хурока ва иҷрои корҳои хонагӣ мебошад. Ин ақида аз тарафи ҳамаи гурӯҳҳои номбаршуда (ҷинс, насл, шаҳр/деҳот ва доштани муҳоҷир дар оила) дастгирӣ карда шуд.

Фикри гурӯҳҳои ахборрасонҳои асосӣ ақидаеро дастгирӣ карданд, ки мувофиқи он иҷрои корҳои хонагӣ соҳаи занҳои ҷавон мебошад. Бо назардошти суханҳои гуфташуда ҷамъкунии маълумоти сифатӣ ҳамчунин тамоюлоти ҷориро дар оила муайян кард. Масалан, занҳои ҷавон метавонанд ба ду категорияҳои васеъ ҷудо карда шаванд:

1. Онҳое, ки маълумоти олӣ доранд – Ин занҳо метавонанд дар мактабҳо, беморхонаҳо, ҷамоатҳо кор кунанд ё соҳибкор бошанд ва маҳсулот дар бозор фурӯшанд (ҳолати фурӯши маҳсулот дар бозор танҳо дар вилояти Суғд номбар карда шуд);
2. Онҳое, ки маълумоти олӣ надоранд ва дар хона кор мекунанд – Ин занҳо бисёртар ба корҳои хона машғул мебошанд ё хуроке мепазанд, ки метавон онро фурухт.

Ба ғайр аз ин, ҳар ду категория бо корҳои хона вазифадор мебошанд, ба монанди тозакунӣ, пухтани хурока, замини наздиҳавлиро тоза нигоҳ медоранд ва кӯдаконро нигоҳубин мекунанд. Ҳатто агар зан кор кунад, корҳои хона ҳамчун афзалият меистад. Ба ҳар ҳол, мусоҳибаҳои амиқ тамоюли оиладор шудан бо духтароне, ки маълумот доранд, нишон дод. Дар ин маврид ин ҳамчун бонус дар “бозори оиладоршавӣ” мебошад:

> *‘Агар пештар, дар он вақтҳо, мардҳо иҷозат намедоданд, ки занҳо маълумот гиранд … (ва) ба духтари бомаълумот оиладор шудан мушкил буд. Вале айни замон баръакс мебошад, оилаҳо духтари бомаълумотро мекобанд ва мемонанд, ки ӯ кор кунад, чунки духтари бомаълумот метавонад даромад ёбад ва ба хонавода кӯмак намояд’, намояндаи ҷамоат, 61 сола.*

Роҳбарони маҳалла, намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила ва муовинони Раисони ноҳия таъкид карданд, ки чӣ тавр акнун хешу табор духтарон ё келинҳоро ҳавасманд мекунанд ё баъзе малакаҳоро таълим медиҳанд, ки он метавонад дертар ҳамчун сарчашмаи даромад гардад:

*‘Пеш аз ҳама, ҳама бояд ихтисос, малакаҳо дошта бошанд. Духтар оиладор мешавад, агар ӯ малака дошта бошад, ӯ бисёр тобеъ (ба дигарон) намешавад, модари беҳтарин мешавад!’ Намояндани Кумитаи кор бо занон ва оила, 27 сола.*

Ахборрасонҳои асосӣ аз ҳамаи ноҳияҳо эҳтиром ва тоқати худро ба занҳои кормекарда таъкид карданд. Бо сабаби он, ки мардҳо дар вақти кофтукоби кор мушкилӣ доранд, шавҳарон ва хешу табор занҳои ҷавонро ҳавасманд мекунанд, то ки онҳо кӯшиш кунанд ва ҳадди ақал даромади хурд ёбанд. Монеаҳо дар роҳи занҳои кормекарад, ки таъкид шуда буданд, аз норасоии имкониятҳои корӣ ва афзалияте, ки ба нақши онҳо ҳамчун модарон гузошта шуда буд, иборат мебошад.

*‘Албатта онҳо мемонанд, ки занҳо кор кунанд. Вале дар ҳолатҳое, ки зан 2-3 кӯдак дорад ва онҳо тез-тез бемор шаванд, ӯ бояд дар хона шинад ва онҳоро нигоҳубин кунад. Вақте ки синну соли ӯ аз 30 боло мебошад, баъд ӯ имкониятҳои зиёди корӣ дорад’, имом, 44 сола.*

**Ӯҳдадориҳои мардҳои ҷавон**

84%-и мусоҳибон пулкоркуниро ҳамчун ӯҳдадории асосии мардҳои ҷавон муайян карданд. Дар баробари ин, тақрибан 44%-и мусоҳибон мушкилоти ёфтани ҷои корро дар назди хонаҳои истиқоматии худ таъкид карданд (чӣ тавре барвақттар қайд шуда буд, 34%-и 500 нафари мусоҳибон ҳадди ақал як аъзои муҳоҷир доранд).

Мавзӯи ӯҳдадориҳои мардон дар хона дар МАА хеле хуб шарҳ дода шудааст. Ахборрасонҳои асосӣ амалияи умумиро дар байни хонаводаҳои ноҳияҳои худ ботафсил муҳокима намуданд. Аввалан сутунҳои оилавӣ аз зани хонашин ва марди таъминкунанда иборат мебошад.

*‘Мардҳо одатан саҳар барвақт мебароянд ва шабона дер меоянд, то ки пул кор кунанд ва оилаи худро таъмин кунанд’, намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила, 34 сола.*

Дар баробари ин, ҳамаи МАА мушаввашиpо оид ба норасоии ҷои кор барои ҷавонон бардоштанд. Аммо, намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оила тасдиқ карда буд, ки: ‘*онҳое, ки дар ҳақиқат ба пул эҳтиҷот доранд, ба ҳар ҳол ҷои кор мeёбанд, онҳое, ки намехоҳанд ба кори каммаош дароянд, гирду атроф давидан мегиранд*’. Ба ҳар ҳол, бе кори устувор ва даромади доимӣ мардҳо одатан аз хона саҳар барвақт мебароянд ва танҳо шабона дер бармегарданд:

*‘Агар онҳо дар ягон ҷо кор кунанд, агар кор набошад, онҳо авлотар медонанд, ки дар кӯча сайру гашт кунанд’, Намояндаи Кумитаи кор бо дин, 53 сола.*

Имомҳои маҳаллӣ ва кормандони ҷамоат масъалаи баланд шудани сатҳи майзадонӣ ва тамоюли зиёдшудаи кашидани сигорро дар байни ҷавонони имрӯза дар ноҳияҳо бардоштанд. Ахборрасонҳои асосӣ фикр мекунанд, ки норасоии ҷои кор ва тайёрӣ ба нушидани нушокиҳои спиртӣ ба зӯроварӣ дар оила алоқаманд мебошад ва дар натиҷаи он:

*‘Мардҳо бо сабаби набудани ҷои кор дилтанг мешаванд, ба нушидани нушокиҳои спиртӣ ва задани аъзоёни оилаи худ бе ягон сабаб машғул мешаанд’, Намояндани Кумитаи кор бо занон ва оила, 54 сола.*

**Ӯҳдадориҳои аъзоёни оилае, ки синну солашон аз 40 боло мебошад**

Дар ҳолате, ки агар сардори хонавода ғоиб бошад, волидайни шавҳар ҳуқуқ доранд, ки хонаводаро нигоҳ кунанд ва аз паси зани ӯ ва кӯдакони ӯ нигоҳубин кунанд. Бо ин гуфта аксарияти мусоҳибон (94%) розӣ буданд.

Ҳамин тавр, насли калонсол мувофиқи маълумоти дар мусоҳибаи амиқ гирифташуда нақши фаъол ва роҳбарикунандаро дар идоракунии хонавода ва нигоҳубини кӯдакон мегирад:

> *‘Занҳо одатан чорабиниҳоро ташкил медиҳанд, тӯҳфа тайёр мекунанд, агар онҳо ба ягон ҷо ҳамчун меҳмон раванд ва кӯшиш мекунанд, ки хонаводаро дастгирӣ кунанд’, пешвои маҳаллӣ, 50 сола.*

> *‘Кӯдакони ман асосан аз ман хоҳиш мекунанд, ки ба кӯдакони онҳо барои иҷрои вазифаи хонагӣ кумак намоям. Волидайни онҳо аз кор ва корҳои хона монда мешаванд ва бинобар ин вақти худро ба вазифаи хонагии кӯдакон намебахшанд’, корманди ҷамоат, 61 сола.*

## 7.2 Тақсимоти ӯҳдадориҳо дар тарбияи кӯдакон

Тадқиқот ва мусоҳибаи ахборрасонҳои асосӣ ба ошкорнамоии иштироки волидайн дар тарбияи кӯдакон (ҳамчун падар ва модар) равона шуда буданд. Маълумот оид ба ӯҳдадориҳои падару модар ва сатҳи иштироки онҳо дар тарбияи кӯдакон алоҳида пешкаш карда мешавад.

**Ӯҳдадориҳои занҳои ҷавон**

*Диаграммаи 20*: *Ӯҳдадориҳои зан дар тарбияи кӯдакон, N=500*




Қариб ҳар як мусоҳиби оддӣ ба зарурати иштироки модар дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдаки худ ишора кард. Нигоҳубини кӯдак ҳамчун афзалият дида мешавад, вале боз ҳамчун чизе мебошад, ки модаронро маҷбур месозад, ки онҳо дар хона истанд, ки дар онҷо онҳо метавонанд ҳамаи корҳои хонаро анҷом диҳанд. Дар баробари ин, аксарияти мутлақи мусоҳибон (95%) таъкид карданд, ки занҳо бояд доимо дар пеши кӯдакашон бошанд, вақте ки кӯдакашон касал бошад. 5%-и боқимонда гуфтанд, ки ҳар ду волидайн бояд дар назди кӯдаки бемор бошанд.

Ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ гуногун мебошанд: якчанд муовинони раисони ноҳия, кормандони ҷамоат ва нозирони минтақави зарурати дахлшавии ҳар ду волидайнро дар ҳаёти кӯдакони онҳо таъкид карданд. Ба ҳар ҳол, ҳар як мусоҳиб доир ба муҳимияти аввалиндараҷаи иштироки бодиққати модарон дар тарбияи кӯдак таъкид кард. Он бо даъвоҳои гуногун дастгирӣ крада шуд: ширмакӣ, зарурати дар хона будан, вақте ки падар барои пулкоркунӣ дар дохили давлат ё ба хориҷа меравад:

*‘Мо дар бораи Қонуни Тоҷикистон вобаста ба тарбияи кӯдакон огоҳ ҳастем. Вале занҳо ба тарбияи кӯдакон бисёртар машғул мебошанд. Дар дилхоҳ ҳолат занҳо асосан дар хона мебошанд, бинобар ин онҳо кӯдаконро нигоҳубин мекунанд’, корманди ҷамоат, 50 сола.*

*‘Асосан занҳо ба тарбияи кӯдакон машғул мебошанд, чунки ба Шумо маъқул ҳаст ё не, кӯдак ба модар то 3 сола шудан бо сабаби ширмакӣ хеле наздик мебошад. Ҳамчунин, дар ин вақт бобову бибӣ дар тарбияи кӯдак кӯмак пешниҳод мекунанд’, намояндаи Кумитаи кор бо дин, 36 сола.*

Дар баробари ин метавон хулоса баровард, ки занҳо ба тарбияи кӯдакон дар хона фаъолона машғул мебошанд (ба диаграммаи 20 нигаред). Ӯҳдадориҳои берун аз хона, ба монанди бурдани кӯдак ба мактаб ё беморхона, байни падар ё дигар мард-аъзои дигари оила тақсим карда мешавад.

## Ӯҳдадориҳои мардҳои ҷавон

*Диаграммаи 21: Ӯҳдадориҳои мардҳо дар тарбияи кӯдакон, N=500*




Дар фарқият аз корҳои хонагии занҳо, мардҳо бо тарбияи кӯдакон асосан ҳамон вақт машғул мешаванд, вақте ки сухан дар бораи масъалаи берун аз хона меравад, ба монанди пулкоркунӣ барои таъминоти оила (84%) ё бурдани кӯдакони худ ба боғчаи кӯдакона (41%). Танҳо як чоряк (26%) мусоҳибон таъкид карданд, ки мардҳо бояд ҳар рӯз ба ҳаёти кӯдакон якҷоя бо модарон машғул бошанд. Сеяк (76%) қайд кард, ки нақши падар дар тарбияи кӯдак танҳо аз расонидани кӯмак ба модар иборат буд ва камтар аз нисф гуфтанд, ки падар бояд доимо дар гирду атрофи кӯдакон бошад, вақте ки онҳо бемор бошанд (ба диаграммаи 21 нигаред).

Натиҷаҳои пурсиши ахборрасонҳои асосӣ пурра бо ин масъала розӣ буданд. Зиёда аз ин, якчанд ахборрасонҳои асосӣ нақши падарро ҳамчун тарафдори интизом, касе, ки кӯдак аз ӯ метарсад, меҳисобанд:

*‘Агар кӯдак рафтори бад дошта бошад, модарон бояд ба онҳо гуянд, ки вақте ки падарашон меоянд ва дар бораи рафтори ӯ мефаҳмад, ӯ хеле хашмгин мешавад’, пешвои маҳаллӣ, 63 сола.*

Имоми маҳаллӣ барои дастгирӣ кардани ин нуқтаи назар чунин гуфт:

*‘Вақте ки падар бо кӯдак бо забони кӯдакӣ сӯҳбат мекунад (ё бозӣ мекунад), арзиш ва эҳтиром ба падар гум мешавад, имоми маҳаллӣ, 46 сола.*

Ахборрасонҳои асосии дигар таъкид карданд, ки бо сабаби иштирок накардани падарон дар ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон онҳо бо кӯдакони худ одатан хеле раҳмдил мебошанд ва муҳаббат ва диққати худро дар ҳолати зарурӣ нишон медиҳанд. Вақте ки падар дар Тоҷикистон ҳаст, ин

амал асосан дар вақти бегоҳирӯзӣ ё дар рӯзҳои истироҳатӣ ба вуҷуд меоянд. Падарон муҳоҷиронро кӯдакон маҷбур ҳастанд, ки якчанд моҳ интизор шаванд.

## 7.3 Амалияи муроҷиат барои кӯмак дар ҳолати ЗГ

Ин қисм дар асоси маълумоти ҷамъшуда аз мусоҳибаҳои ахборрасони асосӣ дар асоси намунаҳои амалӣ, ки дар вақти мусоҳиба оварда шудаанд, асос ёфтааст ва сенарияҳои фарзиро нишон медиҳад, ки дар он зан метавонад барои кӯмак ба ягон ҷо муроҷиат кунад. Умуман ҳамкории аз ҳама маъмул бо ҳукумати маҳалли ғайрирасмӣ мушоҳида мешавад. Дар ин ҳолат, маълум аст, ки агар ҳар ду тарафҳо (таҷовузкор ва қурбонӣ) ба хешу табор, духтурон, кормандони тиб ё ТҒҲ маҳаллӣ муроҷиат кунанд, ҳамаи тарафҳо ҳокимияти маҳаллии ғайрирасмӣ ба монанди пешвоёни маҳаллиро фаъолона ҷалб мекунанд. Аксарияти мусоҳибон аҳамияти корҳои фаҳмондадиҳиро дар ҳалли мушкилот вобаста ба зӯроварии хонаводагӣ баланд баҳогузорӣ намуданд.

Пеш аз гузариш ба сенарияҳо муҳим аст, ки маълумотро аз боб дар бораи муносибатҳо дар хотир дорем, ки дар он метавонад дид, ки дар аввал хонаводаҳо авлотар медонанд, ки зӯровариро бо мақсади нигоҳдории оила тоқат кунанд. Дар асоси мусоҳибаҳо ба тарафҳои сеюм танҳо дар он ҳолат равон мекунанд, ки агар зӯроварӣ доимӣ мешавад.

**СЕНАРИЯИ №1 ва №2: Аз ҳама маъмул – Муроҷиат ба аъзоёни оила ё роҳбари маҳалла.**

Вақте ки зӯроварӣ такрор шудан мегирад, занҳои ҷавон аввалан ба аъзоёни оилаи худ муроҷиат мекунанд. Онҳо кӯдакони худро мегиранд ва муваққатан ба хонаи волидайн мераванд. Дар бисёр ҳолатҳо волидайн мехоҳад, ки оилаи духтарашон нигоҳ дошта шавад, чунки хонаводаи худи онҳо аллакай пур аз одам аст: писар(он) ва духтар(он) ва келин(ҳо) ва кӯдакони онҳо.

Дигар тамоюле, ки дар Хатлон мушоҳида шуда буд, ин зӯроварӣ натанҳо дар байни насли ҷавон, балки дар байни насли калонсол ҳам ҳаст. Дар ин ҳолатҳо қурбонӣ наметавонад ба волидайни худ муроҷиат кунад, барои ҳамин ӯ ба сенарияи 2 мегузарад (дар поён нигаред).

*Вақте ки зани 50 сола ба мо муроҷиат кард, ӯ ба мо гуфт, ки шавҳари ӯ доимо ӯро дар назди кӯдакон ва келин мезанад. Ӯ волидайн надорад, барои ҳамин ба ҷамоат ва Кумитаи кор бо зан ва оила муроҷиат кард. Ҳама ба ӯ машварат доданд, ки бо даъво ба нозири минтақавӣ муроҷиат кунад, вале ӯ инро кардан нахост. Ӯ барои тарки хонааш ягон ҷо наёфт ва баъди заданиҳои такрорёфта худро ба воситаи нушидани сирко кушт. (намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила, 32 сола)*

*Диаграммаи 22: Сенарияи №1 ва №2. Ҳолатҳои аз ҳама маъмул.*




Ба роҳбари маҳалла доимо ҳамчун ба шахсе муроҷиат мекунанд, ки ӯро дар ноҳия эҳтиром мекунанд ва касест, ки таҷовузкор ӯро гуш мекунад ва рафтори худро дигар мекунад. Ба роҳбари маҳалла ё қурбонӣ ё волидайни қурбонӣ муроҷиат мекунанд. Ҳар ду сенария одатан ба он оварда мерасонанд, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҳуқуқвайронкунанда гузаронида мешаванд. Одатан ин як ҳайати вакилонро (яъне роҳбари маҳалла ва волидайнҳо бо ҳамроҳии имоми маҳаллӣ) дарбар мегирад, ки ба хонаводаи аниқ ташриф меоранд ва машварат медиҳанд ва мефаҳмонанд, ки барои чӣ зӯроварӣ дар оила амалияи номақбул мебошад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ин сенарияҳо ҳамон вақт кор мекунанд, вақте ки тарафҳои низоъ шавҳар ва зан ё хешу табор ва зан мебошанд.

**СЕНАРИЯИ №3: Кам вохурда – Муроҷиат ба Кумитаи кор бо занон ва оила ва ТҒҲ**
Мувофиқи ҷавобҳои ахборрасонҳои асосӣ, зан танҳо дар он ҳолат ба намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила ё ТҒҲ муроҷиат мекунанд, ки агар таҷрибаи зиёди зӯроварӣ дошта бошад ва кӯмаки роҳбари маҳалла ва волидайн бефоида буданд.

*Диаграммаи 23: Сенарияи №3. Ҳолатҳои кам вохурда.*



Ҳамаи намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила дониши амиқро оид ба қонунгузории амалкунанда ва механизмҳои ҳалли низоъ ё таъмини кӯмаки минбаъда ба қурбониён нишон доданд. Бо вуҷуди ин онҳо қайд карданд, ки зане, ки ба онҳо муроҷиат кард, дар шубҳа буд, ки оё ӯ оиларо нигоҳ дорад ё шикоятро ба нозири минтақавӣ нависад. Намояндагони Кумитаи кор бо зан ва оила ва ТҒҲ, ки бо занҳои таҳқиршуда кор мекунанд, ба қурбониён машварати ҳуқуқиро пешниҳод мекунанд, онҳоро ба назди духтур равон мекунанд ва дар навиштани шикояти расмӣ ба нозири минтақавӣ кӯмак менамояд. Вале қадами навбатӣ метавонад махсусан мушкил бошад. Масалан, агар қурбонӣ оила дошта набошад ё оилаи ӯ намехоҳад ӯро қафо қабул кунад, онҳо варианти кам доранд, чунки миқдори ками паноҳгоҳҳои муваққатӣ берун аз шаҳри калон мавҷуд ҳастанд, агар ӯ нахоҳад ба назди шавҳари худ баргардад.

> Зан ба мо муроҷиат кард, вақте ки бадани ӯ пурра бо доғҳои кабуд пушида шуда буд. Мо ба ӯ машварат додем, дар навиштани шикоят ба милитсия кӯмак кардем, вале ӯ ягонҷое надошт, ки биравад. Дар гузашта курсҳои бегоҳирузӣ буданд, ки малакаҳои занҳоро инкишоф медоданд ва ба воситаи ин курсҳо онҳо метавонистанд пул кор кунанд. Акнун мо наметавонем онҳоро ба ягон ҷо равон кунем. Дар муддати як моҳ ӯ дар боғ зиндагӣ мекард ва ба хонаи шавҳараш рафтанро рад кард. Ба наздикӣ мо ӯро ба назди Муовини Раиси ноҳия бурдем ва мушкилиро фаҳмондем. Дар давоми як моҳ ӯ дар хонаи муовин зиндагӣ карда буд. Вале то кай вай дар он ҷо меистад? Дигарон ба куҷо раванд? (намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оила, 52 сола)

**СЕНАРИЯИ №4: Аз ҳама кам вохурда – Муроҷиат ба нозири минтақавӣ**

Баъди он, ки қурбонӣ ба назди духтур ташриф овард ва аломатҳои аниқи будани қурбонии зуроварии хонаводагӣ қайд карда шуд, духтур бояд беморро ба нозири минтақавӣ равон кунад. Чӣ тавре пештар гуфта шуда буд, муроҷиат ба нозири минтақавӣ ҳамчун варианти аз ҳама охирон дида мешавад. Мувофиқи суханҳои нозирони минтақавӣ, баъди гирифтани даъво онҳо бояд ба хонаводаи номбурда дар давоми 3 рӯз ташриф оваранд ва парвандаро дар муддати 15 рӯз оғоз намоянд. Нозирони минтақавӣ руйхати хонаводаҳоро доранд, ки дар онҳо зуроварӣ мушкилоти доимӣ мебошад ва онҳо ба ин хонаводаҳо баъзан ташриф меоваранд, то ки вазъиятро таги чашми худ нигоҳ доранд. Баъди оғози парванда ва баровардани ҷаримаи маъмурӣ онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Раванд аз ташриф ба хонавода якҷоя бо роҳбари маҳалла ва имоми маҳаллӣ ва сӯҳбат бо аъзоёни оила иборат мебошад.

*Диаграммаи 24: Сенарияи №4. Ҳолатҳои камвохурда*




Ҷамъкунии маълумот дар Хатлон нишон дод, ки як ТҒҲ бо нозири минтақавӣ кор мекунад, ки дар он ҳамоҳангсоз зан-корманди милитсия мебошад. Дар ин ҳолат зан-қурбониён метавонанд ба осонӣ ба ин корманд ҳодисаи худро нақл кунад. Дар вақти мусоҳиба бо ӯ нозири минтақа таъкид кард, ки ҳайати шахсии онҳо ба психологи маҳаллӣ эҳтиёҷот дорад, ки ин шахс метавонад бо занҳои таҳқиршуда кор кунад. Чӣ хеле ки набошад, як ташрифи қурбонӣ бо сабаби як қатор ҳодисаҳои амиқ ва ҳассос метавонад соатҳо давом кунад. Мувофиқи суханҳои нозирони минтақавӣ, доштани як зан-корманди милитсия як хати қурбониёнро ба вуҷуд меорад, ки ин қурбониён тайёр ҳастанд, ки дар бораи мушкилотҳои худ сӯҳбат кунанд, вале онҳо наметавонанд кӯмакро сариваќт пайдо намоянд.

*‘Занҳое, ки ба милитсия муроҷиат мекунанд, баъзан баъди ин амал мушкилоти зиёдтаре дар оилааш дорад. Шавҳар метавонад аз зан пурсад, ки оё ӯ ба корманди милитсия тани худро бо доғҳои кабуд нишон дод ё не. (Корманди ҷамоат, 56 сола)*

Баъди як мусоҳиба бо нозири минтақавӣ саволдиҳанда тавонист, ки бо қурбонии зӯроварӣ дар оила, ки дар вақти пурсиш дар утоқи милитсия ҳузур дошт, сӯҳбат кунад. Зан он чизеро, ки яке аз кормандони милитсия дар Суғд гуфта буд, такрор кард. Яъне ҷазои маъмурӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ барои беҳтар кардани вазъият кӯмак намекунанд. Саволдиҳанда ба таври муфассал бо қурбонӣ дар бораи ҳодисаи худ гуфта дод:

> *‘Шаҳвари ман пул кор намекунад, вале ман мекунам. То ҳол ӯ маро барои корам зада истодааст. Ин маротибаи аввал нест, ки ман ба милитсия муроҷиат кардам. Ба ҳар ҳол, ба ғайр аз корҳои фаҳмондадиҳӣ, нозири минтақавӣ дигар ҳеҷ кор накард. Шавҳари ман машварати нозири минтақавиро дар дафтари ӯ гуш кард ва якчанд ҳафта машварати ӯро иҷро карда буд, вале баъд боз ман ва кӯдаконамро задан давом додан гирифт. Беҳтар мешуд, агар ҳар дафъае, ки ӯ оилаи маро мезанад, ӯро ба 10-15 рӯз дар ҳабсхона махкам мекарданд. Шояд бо ин роҳ ӯ мефаҳмад. Ё милитсия метавонад баъзе корҳои иҷтимоиро (барои шавҳар) ташкил намояд, ки метавонад як намуди ҷазо бошад’,* қурбонии ЗГ дар утоқи милитсия дар Суғд.

**СЕНАРИЯИ №5: Муроҷиати модарон ва шавҳарон ба имоми маҳаллӣ**

Мувофиқи суханҳои имомҳо онҳо тез-тез дар корҳои фаҳмондадиҳӣ бо даъвати роҳбари маҳалла ё нозирони минтақавӣ иштирок мекунанд. Аммо дархостҳои бевосита аз худи оила одатан аз тарафи модарони ташвишдошта меоянд. Онҳо мебинанд, ки писарони онҳо зан ва кӯдакони худро зада истодаанд. Мувофиқи суханҳои намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила модар наметавонад ба муассисаи давлатӣ оид ба писари худ хабар диҳад, бинобар ин онҳо авлотар медонад, ки ба имом бо умеде муроҷиат кунанд, ки писари онҳо суханҳои имомро гуш мекунад.

Сабаби дигаре, ки мувофиқи он чунин вазъиятҳо ба имоми маҳаллӣ оварда мерасонанд, ин хоҳиши нигоҳдории оила дар он ҳолатҳое мебошад, вақте ки мард дар вақти ҷанг се маротиба "талоқ"[28] гуфт. Дар чунин ҳолатҳо мард худаш метавонад ба имом муроҷиат кунад ва тасдиқ кунад, ки ӯ дар вақти ҷанг хеле иштиёқманд буд ва акнун пушаймон аст, ки ин хел суханҳоро гуфтааст. Имоми маҳаллӣ одатан дар ин ҳолатҳо машварат медиҳад.

*Диаграммаи 25: Сенарияи №5. Муроҷиати модарон ва шавҳарон ба имом*




## 7.4 Амалияи муроҷиат барои кӯмак дар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ

Чӣ тавре ки дар боби муносибатҳо гуфта шуд, мавзӯи зӯроварии шаҳвонӣ на он қадар тез-тез аз тарафи мусоҳибон ва ахборрасонҳои асосӣ ба ёд оварда шуда буд. Хулосаи умумӣ ин аст, ки мафҳуми зӯроварии шаҳвонӣ дар ҳақиқат байни шавҳар ва зан амалан нофаҳмо мебошад. Мусоҳибаҳои ахборрасонҳои асосӣ бо намоядагони Кумитаи кор бо зан ва оила дар Хатлон нишон дод, ки ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ танҳо дар раванди ҷудошавӣ ё пас аз ҷудошавӣ маълум мегардад.

> *'Вақте ки суд занро моил карданӣ буд, ки ӯ бо сабаби амалҳои на он қадар назаррас зӯроварӣ ба монанди задан, ҷудо нашавад, зан дар ин лаҳза метавонад баланд гӯяд, ки шавҳари ӯ бо ӯ алоқаи ҷинсии ғайрианъанавӣ кард, ки ба ӯ ин амал маъқул набуд. Чунин даъво одатан ба зан кӯмак менамояд, ки ӯ ҷудо шавад', намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила, 45 сола.*

[28] Баъзе тафсирҳои Шариат мегӯянд, ки талоқи семаротибавӣ (гуфтани "талоқ" се маротиба) усули қонунии ҷудошавӣ мебошад; дар Тоҷикистон он қувви қонунӣ надорад.

*‘Як ҳодисае буд, ки дар он зан аз оилаи хеле бомаълумот дар суд гуфт, ки шавҳари ӯ бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кард. Дарҳол пас аз туй шавҳари ӯ, ки бомаълумот буд ва ба сифати муаллим кор мекард, ӯро бо сим баст ва бо ӯ муносибати дағалона кард. Зан дертар аз модар ва хоҳари худ пурсид, ки оё ин дуруст аст ё не. Ба ӯ ҷавоб доданд, ки шавҳараш хеле ҷавон мебошад ва оҳиста-оҳиста ҳамааш нағз мешавад. Зан бо ӯ 15 сол зиндагӣ кард ва баъди ин қадар дигар тоқат карда натавонист. Ӯ барои ҷудошавӣ муроҷиат кард ва ин даъворо дар суд истифода бурд. Баъдтар мард худро кушт; ӯ наметавонист зиндагӣ карда ва донистан, ки ин амал ба ҷомеа маълум шуд (намояндаи кумитаи кор бо зан ва оила, 32 сола)*

## 8. ХУЛОСАҲО

Хулосаҳои асосии тадқиқот дар боби зерин баён шудаанд.

**Дониш оид ба Қонун дар бораи зӯроварӣ дар оила**

Аксарияти мусоҳибон зӯроварии ҷисмонӣ ва психологиро дар шаклҳои задан (75%) ва обрӯпасткунӣ (73%) ҳамчун шаклҳои таркибии зӯровариро дар хона тасдиқ карданд. Ба ҳар ҳол, камтар аз се як ҳиссаи мусоҳибон ба зӯроварии иқтисодӣ (гузоштани касе бе хӯрока [30%] ё ҷои зист [26%]) ва зӯроварии шаҳвонӣ (30%) истинод гирифтанд. Дар баробари ин аз мусоҳибон пурсиданд, ки қурбонӣ дар ҳолати зӯроварӣ дар оила ба кӯҷо муроҷиат кунад, аксарият волидайн (60%)-ро интихоб карданд. Баъдан роҳбари маҳалла (33%) ва баъдан милитсияи маҳаллӣ (28%) меравад.

Дар байни ахборрасонҳои асосӣ, ки дар муассисаҳо кор мекунанд, ба монанди муовини раиси ноҳия, намояндаи Кумитаи кор бо зан ва оила ва нозирони минтақавӣ, тавонистанд намудҳои гуногуни зӯровариро, ки дар қонун оварда шудааст, номбар кунанд. Ба ғайр аз ин, ахборрасонҳои дигари асосӣ, ба монанди пешвоёни маҳаллӣ, имомҳо, кормандони ҷамоат ва намояндагони Кумитаи кор бо дин, дар бораи зӯроварӣ дар оила фаҳмиши умумӣ доранд ва танҳо ба шаклҳои ҷисмонӣ ва психологии зӯроварӣ истинод мегиранд. Ягон мусоҳиб зӯроварии шаҳвониро ба шакли зӯроварӣ дар хона дохил накард.

**Муносибат нисбати ЗГ**

Натиҷаҳои тадқиқот ихтилофро нишон доданд, ки мувофиқи он мусоҳибон мегӯянд, ки шавҳар ҳуқуқи задан, тела додан ва зарбулат кардани зани худро надорад, вале бовар доранд, ки зан бояд зӯроварӣ дар оиларо бо мақсади нигоҳдории оила тоқат кунад. Ин бо арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хеле наздик алоқаманд мебошад, ки дар он мушкилоти оилавӣ дар дохили оила нигоҳ дошта мешаванд ва ба духтарон машварат дода мешавад, ки зани хуб бошанд ва батоқат бошанд.

Яке аз мушкилот он мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо одамон мафҳуми зӯроварии шаҳвониро, ки дар дохили оила байни шавҳар ва зани ӯ ба амал меояд, қабул намекунанд ё қабул карда наметавонанд. Вақте ки бевосита дар бораи зӯроварии шаҳвонӣ дар оила пурсиданд, тақрибан 42%-и мусоҳибон бо он розӣ шуданд, ки таҷовуз ба номус дар оила эҳтимолан натиҷаи рафтори беақлонаи зан мебошад. Ахборрасонҳои асосӣ, асосан намояндагони Кумитаи кор бо зан ва оила дар Хатлон нишон доданд, ки ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ одатан танҳо дар вақти раванди ҷудошавӣ маълум мешавад.

**Амалия**

Натиҷаҳои тадқиқот тамоюли пурзӯрро барои ҳалли мушкилот дар дохили оила нишон медиҳад, ки он ба тоқаткунии зӯроварӣ бо мақсади ҷудонашавии оила оварда мерасонад. Хабардиҳӣ оид ба зӯроварӣ дар оила танҳо ҳамон вақт ба амал меояд, вақте ки зӯроварӣ доимӣ мешавад. Умуман қурбониён одатан хешу таборро ҷалб менамоянд, ки духтарони худро маҷбур месозанд, ки оилаи худро бо якчанд сабаб, аз ҷумла шароити мувофиқи

иқтисодӣ ва фишори иҷтимоӣ, нигоҳ доранд. Дар ин ҷо ҳамкорӣ дар байни оила ва мақомоти ғайрирасмии ҳокимияти маҳаллӣ (роҳбари маҳалла) ва пешвоёни динӣ (имомҳои маҳаллӣ) окшор мегардад. Бо ҳукумати расмӣ ҳамон вақт ба алоқа мебароянд, вақте ки қурбониён ба духтурон ё ба намояндагони Кумитаи кор бо зан ва оила ва нозирони минтақавӣ ба алоқа мебароянд.

Вақте ки муроҷиат ба хешу табор ва ҳокимияти маҳаллӣ бефоида буд, занҳо ба Кумитаи кор бо зан ва оила муроҷиат мекунанд, ки онҳо машварати ҳуқуқӣ медиҳанд ва дар навиштани даъвои расмӣ ба милитсия кӯмак менамоянд. Ба ҳар ҳол, барои зан якчанд варианти дигар мавҷуд ҳаст, агар онҳо оила надошта бошанд ё оилаи онҳо намехоҳад, ки зан баргардад, чунки онҳо маблағ ва ҷои зист надоранд.

Ахборрасонҳои асосӣ оид ба мушкилот бо истинод ба нозирони минтақавӣ сухан ронда буданд. Онҳо ин роҳро роҳи аз ҳама охирон меҳисобанд, чунки ин ба ҷудошавӣ оварда мерасонад. Норасоии занҳо-нозирони минтақавӣ ва ҷазои босамар барои ҳуқуқвайронкунандаҳои такрорӣ тамоюли умумиро барои аз милитсия дур шудан боз ҳам бисёртар вазнин менамояд.

Модарони ҳуқуқвайронкунандаҳо, ки мебинанд, ки чӣ тавр писарони онҳо зан ва кӯдакони худро мезананд, асосан бевосита ба имомҳои маҳаллӣ муроҷиат мекунанд. Сабаби дигари муроҷиат ба имоми маҳаллӣ ин хоҳиши нигоҳ доштани оила дар ҳолатҳое мебошад, ки дар вақти ҷанг мард се маротиба “талоқ” гуфт.

## 9. ТАВСИЯҲО

Дар партави маълумотҳои ҷамъкардашуда ҳамчун қисми ин тадқиқот ва таҷрибаи худии гузаронидани тадқиқотҳоро оид ба ЗГ, ҳамчунин лоиҳаҳо бо қисматҳои пурқуввати мониторинг ва арзёбӣ, Z-Analytics мехост тавсияҳои зеринро пешниҳод намояд:

**1.** Кор бо аҳли ҷомеа – дар ин ҷо муҳим аст, ки хусусият ва талаботи ҳар як гурӯҳ, масалан мардҳои ҷавон, келинҳо, хусур ва хушдоман ва кӯдакон ба назар гирифта шавад, чунки ҳар яке аз онҳо рафтори беҳамторо талаб мекунад. Умуман метавон воситаҳои зеринро тавсия дод:

- Гузариш ба гурӯҳҳои мушкили дастрас, ба монанди келинҳо ба воситаи телевизион ё дигар маъракаҳои васоити ахбори оммма:
  - Маъракаҳои телевизион – 78% сокинони деҳот дар Хатлон телевизионро ҳар рӯз тамошо мекунанд ва 9% 3-4 маротиба дар як ҳафта тамошо мекунанд[29]; акнун тамоюли ҷорӣ дар деҳот – ин тамошои телевизиони туркӣ ва эронӣ ё консертҳои ситораҳои маҳаллӣ, ки хонаводаҳо дискҳои онро бо сабти мусиқӣ мехаранд ва дар хона тамошо мекунанд. Ин тамоюлро метавон ҳамчун олоти босамар барои расонидани маълумот ба аксарияти гурӯҳи мушкилдастрас истифода бурд;
  - Омӯхтани қисмати медиаи барномаи 'Дастрасӣ ба адолат', ки аз тарафи ташкилоти Helvetas Тоҷикистон гузаронида шудааст (www.muhabbatin.tj) => забони осон, ҷалбкунанда ва фаҳмо.
- Кор бо ҷамъият оид ба бартараф кардани фишори иҷтимоӣ ва интизориҳо:
  - Ёфтани фаъолоне, ки дар маҳал эҳтиром доранд ва дар паҳнкунии маълумоти мувофиқи лоиҳа босамар мегарданд;
  - Алоҳида бо гурӯҳҳои гуногун (мардҳо, хушдоманҳо ва келинҳо) кор кардан, то ки таъсири максималӣ доштан;
  - Ба даст овардани оммаи критикӣ, ки метавонад дахлнамоии ҷомеа ва муҳокимаро оғоз бахшад.
  - Баланд бардоштани диққат ба зуроварии гендерӣ дар мактабҳо дар вақти ба кӯдакон омӯхтани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳо. Паҳннамоии маълумот дар байни кӯдакон ҳамчунин ба супоридани минбаъдаи маълумот дар дохили оила оварда мерасонад.

[29] Z-Analytics, Market Brief, 2017.

**2.** Кор бо тарафҳои асосие, ки оид ба зуроварӣ кор мекунанд:

- Гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани иқтидор бо диққати махсус ба зуроварии иқтисодӣ, зуроварии шаҳвонӣ ва муҳимияти муроҷиат барои кӯмак дар ҳолатҳои зуроварӣ;
- Гузаронидани омӯзишҳои иловагӣ барои нозирони минтақавӣ ва ба кор гирифтани занҳо-кормандони милитсия дар тамоми давлат, махсусан дар деҳот;
- Зиёд кардани ҳайати нозирони минтақавӣ оид ба соҳаҳои мушкил ба воситаи илова намудани равоншинос ба ҳайати онҳо;
- Зиёд кардани ҳайати кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила бо илова намудани психолог ба ҳайати онҳо.

**3.** Беҳтар намудани робита / ҳамкорӣ дар байни тарафҳои асосӣ, ки оид ба зуроварӣ кор мекунанд:

- Ташкил кардани мизҳои мудаввар, ки дар он тарафҳои асосӣ метавонанд вохуранд, бо фаъолиятҳои ҳамдигар шинос шаванд ва шабакаҳои худро бисозанд;
- Ташкил кардани мизҳои мудаввар бо тарафҳои асосӣ ва намояндагони давлатӣ барои таъсиси усулҳои алтернативии ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандаҳои такрорӣ;
- Ташкил намудани семинарҳо / омӯзишҳои баланд бардоштани иқтидор, ки дар он тарафҳо меомӯзанд, ки чӣ тавр дар ҳолати зуроварӣ ҳамкорӣ намуд;
- Таҳия ва беҳтарнамоии низоми пешниҳоди паноҳгоҳи муваққатӣ барои занҳое, ки он бениҳоят зарур мебошад.

## ЗАМИМАҲО

1. Олотҳои тадқиқот (гайдҳои МФГ ва ММК).